СОҲИБКОРЕ, КИ САРМОЯРО БА НУФУЗ ТАБДИЛ ДОД с. 10

БАРАНДАГОНИ НАВИ ҶОИЗАИ РӮДАКӢ с. 2

ВОРИДОТИ СӮЗИШВОРӢ БА ТОҶИКИСТОН с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№ 29 (1691), 22.07.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# АЗ ҶИНОЯТ ТО ҶАЗО

## АЗ НИШАСТҲОИ МАҚОМОТИ ҚУДРАТӢ




PRESSA.TJ

БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!


ДАР ИН ШУМОРА:


**СӮЗИШВОРӢ**
"Дар кишвар камбудӣ намешавад" - мегӯяд Раҷабзода с.3

**ПОЙТАХТ**
16 ярмаркаи либоси мактабӣ с.5

**ДАХЛЕЗИ СЕГОНА**
Эрон – Афғонистон – Тоҷикистон с.3

**ХОНАҲОИ НИМСОХТ**
Шаҳрдорӣ қазияро шарҳ дод с.5

**ГӮШТ**
Воридот зиёду нарх ҳамон аст, ки ҳамон с.11

**НАМОЗ ҲОТАМОВ**
Даргузашти муаррихи барҷаста с.13

**FIFA**
Испания 1-ум, Тоҷикистон 101-ум с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Реҷаи хобро танзим намову солим мон с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Мунибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброазшабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ РӮДАКӢ

**Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар соли 2026 тасдиқ шуданд.**

**Дар бахши адабиёт:**

Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба Саидзода Насруддин Саид барои романи «Нони шарикӣ» ва Раҳмонзода Давлаталӣ Мусо барои маҷмуаи шеърҳои «Номаи офтоб».

**Дар бахши мусиқӣ ва ҳунарнамоӣ:**

Саидзода Фурқат Фатхулло барои маҷмуаи сурудҳои «Сози ватандорӣ», Қосимзода Шералӣ Файзалӣ барои маҷмуаи сурудҳои «Меъмори Истиқлол» ва Холиқов Исматулло Ҳикматуллоевич барои маҷмуаи сурудҳои «Чашмаи меҳр».

**Дар бахши санъати тасвирӣ ва меъморӣ:**

Ҷӯраев Ғафур Ҳоҷиевич барои китоб-албоми «Живопись. Монументальная скульптура».

**Дар бахши журналистика:**

Муртазо Бахтиёр Қосим ва Мусозода Шералӣ Сафар барои маҷмуаи очеркҳо ва кисаҳои ҳуҷҷатии «Чароғафрӯзон».

**Дар бахши тарҷума, пажӯҳиш ва тарғиби адабиёти тоҷик дар мамлакатҳои хориҷӣ:**

Мамадназаров Абдусалом барои тарҷума ба забони англисӣ, пажӯҳиш, нашр ва рӯнамоии осори Садриддин Айнӣ - «Ҷаллодони Бухоро», «Марги судхӯр», «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон.

Ёдовар мешавем, ки Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ яке аз олитарин мукофотҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг буда, ҳамасола ба шахсоне тақдим мегардад, ки бо осори арзишманд ва фаъолияти эҷодии худ дар рушди адабиёт, санъат, меъморӣ, журналистика ва маорифи фарҳанги тоҷик саҳми назаррас мегузоранд.



# ИМЗОИ 12 САНАДИ ҲАМКОРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ МУҒУЛИСТОН

**Рӯзҳои 20-22-юми июли соли равон сафари давлатии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Муғулистон сурат гирифт. Дар ин сафар Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоту музокироти сатҳи олӣ бо Сарвари кишвари мизбон Ухнаагийн Хурэлсух масоили рушду густариши муносибатҳои ҳамкориро баррасӣ намуданд.**

Аз рӯи натиҷаи музокироти миёни Тоҷикистону Муғулистон 12 санади нав ба имзо расид, ки муҳимтарини онҳо Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Муғулистон дар бораи густариш ва рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муғулистон буд. Ҳамчунин, дар ҳошияи ин сафар Ҷаласаи нахустини Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муғулистон оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, Форуми соҳибкории Тоҷикистону Муғулистон ва Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Муғулистон баргузор гардид.

Нусратулло Давлатзода:

# НАҚША БАРЗИЁД ИҶРО ШУД

**Дар нимсолаи аввали соли 2026 ба буҷети давлатии Тоҷикистон аз ҳисоби андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 17 миллиарду 402,5 миллион сомонӣ ворид шудааст.**

Дар ин бора Нусратулло Давлатзода, раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, нақшаи воридоти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар шаш моҳи аввали соли равон 123,3 фоиз иҷро гардидааст. Маблағи ҷамъоваришуда нисбат ба нақшаи пешбинишуда 3 миллиарду 292,4 миллион сомонӣ бештар мебошад.

**Нақшаи воридоти андозҳо дар минтақаҳо чунин иҷро шудааст:**

- *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 100,2%;*
- *вилояти Хатлон - 103 %;*
- *вилояти Суғд - 106,3 %;*
- *шаҳри Душанбе - 126,7 %;*
- *шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 109,4 %.*

Нишондоди баландтарин ба Раёсати андозсупорандагони калон марбут буда, нақшаи воридоти андоз аз ҷониби ин сохтор 141,6 фоиз таъмин гардидааст.

## САРИ САБЗ



**Раҳим САИДЗОДА,**
**вазири маориф ва илм**

**- Рӯзҳои шанбе баъзе одамон меоянд, ҳаттӣ мурочиат мекунанд. Гурӯҳи корӣ таъсис медиҳем, рафта ҳолатро мебинанд. Ба раёсату шуъбаҳои маориф дар шаҳру ноҳияҳо дастур медиҳем, то ҳар як ҳолатро таҳлил карда, ба мо маълумот пешниҳод кунанд.**

*- Офарин, муҳтарам вазир! Таваҷҷуҳ ба мушкилоти корафтодагон амалӣ наҷиб аст ва он ҳам дар ҳоле, ки гурӯҳи корӣ таъсис ёбад. Аммо таҳлилу пешниҳоди маълумот он қадар эътимоднок ба назар намерасанд, чун маълумот аз маълумот фарқ дорад.*



**Тоҷинисо НИЁЗОВА,**
**Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Озмуни «Марҳабо талантлар» баргузор гардид. Номамро ба рӯйхат дохил карданд. Вақте амакам хабар ёфтанд, зид баромаданду гуфтанд, ки ба озмун наравам. Аммо ман аз тасмимам нагаштам. Ҳатто рӯзе пинҳонӣ аз балкон баромада, худро ба машқҳои ансамбл расонидам.**

*- Агар махфӣ набошад, балкони чандум ошёна буд? Масалан, агар ду ё сеюм ошёна бошад, метавон ба хоҳишу истеъдод ва тасмиматон пурра тан дод. Ва амакатон ҳам дар ин сурат дигар хӯрдагирӣ намекунанду зид намебароянд.*



**Муин ГУЛОВ,**
**муассиси портали shoiron.tj**

**- Инстаграмро ман ба як шаҳри бузург монанд мекунам. Дар он ҳам китобхона ҳаст, ҳам бозор, ҳам театр, ҳам майдони ҳангома. Ҳар рӯз миллионҳо одам аз кӯчаҳои ин шаҳр мегузаранд. Савол танҳо ин аст: ту кадом кӯчаро интихоб мекунӣ?**

*- Бале, ҳамин тавр аст, ки муқоиса мекунед. Роҳҳалҳоеро ҷустану ёфтан лозим, ки масалан портали shoiron.tj ҳам ба шаҳри бузург монанд шавад, то миллионҳо одамон аз кӯчаҳояш гузар намоянд ва маънаван осоиш ёбанд.*

# КАМЧИНИИ СӮЗИШВОРӢ

## Аммо сардори Хадамоти зиддиинҳисорӣ Ҳайдаралӣ Раҷабзода мегӯяд: «Дар кишвар камбудии сӯзишворӣ намешавад»

**Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон мегӯяд, ки бо вуҷуди ноустувории бозори маводи сӯхт дар Русия ва гарон шудани нархи маҳсулоти нафтӣ, дар кишвар камбуди сӯзишворӣ намешавад.**

### ВОБАСТАГӢ АЗ БОЗОРИ РУСИЯ

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мекунад, ки тағйирот дар бозори маҳсулоти нафтии Русия мустақиман ба вазъи Тоҷикистон таъсир мерасонад. Ба гуфтаи роҳбари ин ниҳод Ҳайдаралӣ Раҷабзода, беш аз 90 фоизи маҳсулоти нафтии воридотии Тоҷикистон аз Русия таъмин мешавад.

Бо вуҷуди ин, мақомоти давлатӣ мегӯянд, ки вазъ таҳти назорат қарор дорад ва кишвар барои диверсификатсияи манбаъҳои таъминот талош мекунад. Ба гуфтаи Раҷабзода, давлат имкони воридоти маҳсулоти нафтиро аз дигар кишварҳои истеҳсолкунанда низ меомӯзад ва интиқоли сӯзишворӣ қатъ нашудааст. Дар назди Хадамоти зиддиинҳисорӣ инчунин ситоди махсус таъсис ёфтааст, ки ҳаракати нархҳоро пайгирӣ карда, аз болоравии беасоси онҳо пешгирӣ менамояд.

### ОМОР ЧӢ МЕГӮЯД?

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки дар шаш моҳи аввали соли 2026 Тоҷикистон 927,5 ҳазор тонна маҳсулоти сӯзишворӣ ворид кардааст.

**Аз ҷумла:**

*243,1 ҳазор тонна бензин ба маблағи 196 миллион доллар;*

*300 ҳазор тонна сӯзишвории дизелӣ ба маблағи 236,8 миллион доллар;*

*241 ҳазор тонна гази моеъ ба маблағи 164,3 миллион доллар.*

Ҳаҷми воридоти ҳамаи навъҳои асосии сӯзишворӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш ёфтааст.

*Воридоти бензин 1,8 ҳазор тонна, дизел 35,4 ҳазор тонна ва гази моеъ 64,1 ҳазор тонна бештар шудааст.*

Ин нишон медиҳад, ки талаботи бозори дохилӣ ба сӯзишворӣ сол то сол меафзояд.

### НАРХҲО ҲАМ БОЛО РАФТААНД

Ҳамзамон бо афзоиши ҳаҷми воридот, арзиши маҳсулоти нафтӣ низ зиёд шудааст.

Нархи миёнаи воридотии як тонна бензин ба 807 доллар расидааст, ки нисбат ба соли гузашта 8,2 фоиз зиёд мебошад.

Сӯзишвории дизелӣ низ гарон шудааст. Нархи миёнаи як тоннаи он 789 долларро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 4,2 фоиз ё 32 доллар афзоиш ёфтааст.

Дар бозори чакана бензини АИ-92 бо нархи аз 11,5 то 12 сомонӣ барои як литр фурӯхта мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**




## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар нимсолаи аввали соли 2026 сатҳи ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,3 дарсад коҳиш ёфтааст. Дар ин бора Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ба гуфтаи ӯ, ин натиҷа аз ҳисоби андешидани тадбирҳои судманд ва пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ба даст омадааст. Дар ин давра мақомоти прокуратура вобаста ба риояи қонунгузорӣ 4 ҳазору 698 санҷиш гузаронида, ҳуқуқи 235 ҳазору 586 нафар барқарор гардидааст. Илова бар ин, мақомоти прокуратура 2 ҳазору 842 парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардаанд.

**Дар 6 моҳи аввали соли 2026 дар Тоҷикистон 11 ҳазору 731 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо 71 фоизро ташкил додааст. Дар ин бора 21-уми июл вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи вазир, дар нимсолаи якуми соли равон мақомоти корҳои дохилӣ 41 ҳолати одамкушӣ ва сӯиқасд ба одамкушӣ, 46 ҳолати ғоратгарӣ, 13 ҳолати таҷовуз ба номус ва 53 ҳолати қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатиро ба қайд гирифтаанд. Дар ҳамин давра 743 ҳолати авбошӣ, 2 ҳазору 2 ҳолати қаллобӣ ва 1 ҳазору 814 ҳолати дуздӣ сабт шудааст.

**Дар 6 моҳи аввали соли равон 1321 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ошкор шудааст. Дар ин бора 22-юми июл зимни нишасти матбуотӣ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода хабар дод.**



Ба гуфтаи ӯ, вобаста ба ин ҷиноятҳо нисбати 711 нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардида, 425 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 504 нафар пас аз анҷоми тафтишот барои баррасӣ ба суд ирсол шудааст. Ҳамзамон, кормандони Агентии мазкур дар ин давра 286 тафтишу санҷиш гузаронида, 315,9 миллион сомонӣ зарари молиявиро ошкор кардаанд. Аз ин маблағ 292,2 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор шудааст.

# ДАҲЛЕЗИ СЕГОНАИ БОРКАШОНӢ

## Эрон - Афғонистон - Тоҷикистон

**НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН, ЭРОН ВА ҲУКУМАТИ АМАЛКУНАНДА ДАР АФҒОНИСТОН ДАР ЯК НИШАСТИ СЕҶОНИБА ДАР ШАҲРИ МАШҲАДИ ЭРОН СОЗИШНОМАИ ФАЪОЛ СОХТАНИ ЯК ДАҲЛЕЗИ СЕҶОНИБАИ БОРКАШОНИИ ЗАМИНИРО ИМЗО КАРДААНД. АЗ ТОҶИКИСТОН ДАР ИН НИШАСТ ШОИСТА САИДМУРОДЗОДА, МУОВИНИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ КИШВАР ИШТИРОК КАРДААСТ.**



### ЧАРО ИН СОЗИШНОМА МУҲИМ АСТ?

Дар шароите, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ пайваста барои диверсификатсияи роҳҳои нақлиётӣ ва коҳиши вобастагӣ аз як ё ду масири анъанавӣ талош мекунанд, таъсиси чунин даҳлез аҳамияти стратегии калон дорад.

То имрӯз қисми зиёди ҳамлу нақли мол миёни Тоҷикистон ва Эрон тавассути қаламрави Ӯзбекистон ва Туркманистон анҷом дода мешавад. Ин масир гарчанде фаъол аст, аз гузаштани чандин марз, расмиёти гумрукӣ ва вобастагӣ ба сиёсати транзитии кишварҳои дигар иборат мебошад.

Даҳлези нав пешниҳод мекунад, ки борҳо мустақиман аз Эрон ба Тоҷикистон тавассути Афғонистон интиқол дода шаванд. Дар сурати муваффақ шудани тарҳи озмоишӣ, ин роҳ метавонад масофаи ҳамлу нақлро кӯтоҳ кунад, вақти интиқоли борро кам намояд, арзиши нақлиётиро поин барад, рақобатпазирии молҳои содиротӣ ва воридотиро баланд бардорад.

Ин масъала махсусан барои соҳибкороне муҳим аст, ки суръати интиқоли мол ва хароҷоти логистикӣ барои онҳо нақши ҳалкунанда доранд.

### АФҒОНИСТОН КИШВАРИ ТРАНЗИТӢ

Солҳои охир ҳукумати амалкунандаи Толибон кӯшиш дорад Афғонистонро аз кишвари чангзада ба маркази транзитии минтақа табдил диҳад. Барои ин роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳо ва гузаргоҳҳои марзӣ ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ истифода мешаванд.

Барои Афғонистон ин даҳлез метавонад манбаи нави даромад аз ҳисоби хизматрасониҳои транзитӣ гардад. Ҳамзамон рушди тиҷорати қонунӣ метавонад барои беҳтар гардидани вазъи иқтисодии ноҳияҳои марзӣ мусоидат кунад.

### МАНФИАТИ ТОҶИКИСТОН

Барои Тоҷикистон ин тарҳ аз чанд ҷиҳат муҳим аст.

Аввалан, кишвар ба яке аз бузургтарин бозорҳои Ховари Миёна ва бандарҳои баҳрии Эрон наздиктар мешавад.

Дар мулоқоти муовини вазири нақлиёти Тоҷикистон Шоиста Саидмуродзода бо вазири роҳ ва шаҳрсозии Эрон масъалаи таъсиси маркази логистикии Тоҷикистон дар бандари Чобаҳор низ баррасӣ гардид. Агар ин тарҳ амалӣ шавад, Тоҷикистон имконияти бештар барои истифода аз роҳҳои баҳрии Уқёнуси Ҳинд пайдо мекунад.

Дуюм, ин масир метавонад барои содироти маҳсулоти тоҷикӣ имкониятҳои нав фароҳам орад. Айни ҳол Тоҷикистон асосан алюминийи коркарднашуда ва нахи пахтаро ба Эрон содир мекунад. Бо рушди инфрасохтори нақлиётӣ имкони афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ, нассоҷӣ ва саноатӣ низ бештар мешавад.

### ЭРОН ВОРИДИ МИНТАҚА МЕШАВАД

Эрон солҳои охир сиёсати густариши робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказиро фаъолона пеш мебарад.

Барои Теҳрон Тоҷикистон бозори муҳим ва дарвозаи вуруд ба минтақа мебошад. Илова бар ин, Эрон мехоҳад бандари стратегии Чобаҳорро ба яке аз марказҳои асосии транзитии минтақа табдил диҳад.

Дастрасии мустақим ба бозори Тоҷикистон метавонад ҳаҷми содироти маҳсулоти эрониро зиёд намояд. Айни ҳол Эрон ба Тоҷикистон маҳсулоти ғизоӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кимиёвӣ ва дигар молҳои истеъмолиро содир мекунад.

### ЧОЛИШҲОИ АСОСӢ

Бо вуҷуди имкониятҳои зиёд, амалӣ шудани тарҳ аз як қатор омилҳо вобаста хоҳад буд.

Муҳимтарин масъала амният дар қаламрави Афғонистон мебошад. Гарчанде мақомоти Толибон аз беҳтар шудани вазъ сухан мегӯянд, соҳибкорон ва ширкатҳои байналмилалӣ ҳанӯз ҳам нисбат ба амнияти ҳамлу нақл эҳтиёткоранд.

Аз ҳамин сабаб, қарор шудааст, ки дар моҳи аввал як корвони озмоишии мол аз Эрон ба Тоҷикистон фиристода шавад, то тамоми мушкилоти роҳ, гумрук ва марз дар амал санҷида шавад. Масъалаи дигари муҳим - ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ мебошад. Барои фаъолияти муназзами даҳлез бояд низоми ягонаи суғуртаи бор, содагардонии гирифтани раводид барои ронандагон, рақамикунонии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва коҳиши вақти интизорӣ дар гузаргоҳҳо таъмин гардад. Агар чунин тарҳ амалӣ шавад, Тоҷикистон метавонад мавқеи худро ҳамчун ҳалқаи муҳими робитаи Осиёи Марказӣ бо Халиҷи Форс ва Уқёнуси Ҳинд таҳким бахшад.

**О. НОЗИР**

# «ҶОСУС» ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН НЕСТ

**Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, касе, ки дар Исроил бо гумони ҷосусӣ ба нафъи Эрон дастгир шудааст, "шаҳрванди Тоҷикистон нест".**

Рамазон Раҳимзода 21-уми июл дар нишасти хабарӣ гуфт, ки ин нафар гӯё аз шаҳрвандии Тоҷикистон берун шуда, шиносномаи Русияро гирифтааст. Ӯ дигар чузъиёт надод.

Пулиси Исроил ва Хадамоти амниятии ин кишвар рӯзи 2-юми июл эълон карданд, ки як шаҳрванди Тоҷикистону Русияро бо иттиҳоми ҷосусӣ ба нафъи Эрон боздошт кардаанд.

Номи ӯ дар изҳороти мақомоти Исроил ба ду шакл муаррифӣ шудааст: Ҳангоми боздошт чун Беҳрӯз Собирҷон ва пас аз эълони айб чун Беҳрӯз Шариф Додобоеви 33-сола.

Додситони Исроил рӯзи 6-уми июл гуфт, бар асоси маълумоти ибтидоӣ, ин шаҳрванди Тоҷикистон "дар бораи макони расидани мушакҳо, сохилҳои Ҳайфа ва муассисаи низомии Elbit Systems маълумот ҷамъ оварда, бар ивази криптоасъор ба хадамоти иктишофии Эрон фиристодааст".

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар нимсолаи якуми соли равон қурби расмии доллар нисбат ба сомонӣ ба андозаи 0,17 фоиз баланд шуд (аз 9,2513 сомонӣ дар санаи 31.12.2025 то ба 9,2674 сомонӣ дар санаи 30.06.2026). Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллӣ Фирдавс Толибзода иттилоъ дод.**




Инчунин бо назардошти вазъи мураккаби иқтисоди ҷаҳон дар ин давра қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон тағйир ёфтанд. Аз ҷумла, қурби тангаи Қазоқистон 3,33 фоиз, юани Чин 3,1 фоиз ва рубли Федератсияи Русия 0,60 фоиз устувор гардида, лираи Туркия 8,62 фоиз, рубли Беларус 0,13 фоиз, сӯми Ӯзбекистон 0,30 фоиз ва соми Қирғизистон 0,04 фоиз нисбат ба доллар коҳиш ёфт.

**Барои соли таҳсили 2026-2027 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат тибқи квотаи Президентӣ 1670 ҷой ҷудо шудааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2024-2025-ум 401 адад зиёд мебошад. Дар ин бора вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Абдураҳмон Абдураҳмонзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи ӯ, аз шумораи умумии квотаҳои ҷудогардида 210 ҷой ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 650 ҷой ба вилояти Хатлон, 446 ҷой ба вилояти Суғд ва 364 ҷой ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд. Тавре гуфта шуд, нафароне бояд тарики квотаи Президентӣ донишҷӯ шаванд, ки дониши хуб, рафтори намунавӣ ва майлу рағбати беандоза ба касби интихобшуда дошта бошанд.

**Аз 1 то 31-уми октябри соли 2030 дар ҳудуди Тоҷикистон барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешавад. Дар ин бора директори Агентии омор Ҷамшед Нурмуҳаммадзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ҷамшед Нурмуҳаммадзода иброз дошт, ки барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил манбаи муҳими маълумоти оморӣ буда, барои муайян намудани вазъи воқеии аҳолӣ ва шароити зиндагии онҳо аҳамияти калон дорад. Натиҷаҳои он барои рушди устувори мамлакат ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон истифода мешаванд. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Тоҷикистон ҳар даҳ сол як маротиба гузаронида мешавад.

# ЗИНДАГӢ ДАР БИНОҲОИ НОТАМОМ

## Шаҳрдорӣ қазияро шарҳ дод

**Дар шаҳри Душанбе то кунун 22 бинои навсохт ба далели ҷой доштани камбудиҳои техникӣ аз комиссияи давлатии қабул нагузашта, ҳамзамон дар фаъолияти 17 ширкати сохтмонӣ ғайриқонунӣ ошкор шудааст. Дар ин бора Бахтиёр Шарифӣ, муовини раиси шаҳри Душанбе зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ба гуфтаи ӯ, айни замон дар пойтахт сохтмони 322 бинои баландошёна идома дошта, танҳо дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ барои бунёди 27 бинои баландошёна қарорҳои нав қабул шудаанд.

Шарифӣ гуфт, ки тибқи қонун, биноҳо танҳо баъди гузаштан аз комиссияҳои корӣ ва давлатӣ бояд мавриди истифода қарор гиранд. Вале, ба гуфтаи ӯ, дар амал баъзе соҳибкорон бо баҳонаи мушкилоти молиявӣ ва шаҳрвандон бо сабаби надоштани манзил пеш аз анҷоми пурраи сохтмон ба чунин биноҳо кӯчида, истиқоматро оғоз мекунанд.

«Дар баробари соҳибкор, шаҳрвандон низ гунаҳкоранд, ки дар биноҳои нопурра зиндагӣ мекунанд»,- изҳор дошт ӯ.

Масъули шаҳрдорӣ афзуд, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ, то бартараф шудани камбудиҳо ва қабули расмии бино аз ҷониби комиссияи давлатӣ, сокинон бояд ба ҷойи дигар кӯчонида шаванд. Аммо, ба гуфтаи ӯ, масъалаи таъмин кардани онҳо бо манзили муваққатӣ ҳанӯз роҳи ҳалли худро наёфтааст.

Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки дар нимсолаи аввали соли равон дар фаъолияти 17 ширкати сохтмонӣ қонуншиканиҳо, аз ҷумла риоя накардани меъёрҳои сифати сохтмон, оғози сохтмон бидуни иҷозат ва бунёди ошёнаҳои иловагӣ берун аз нақша ошкор гардидааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, дар шаш моҳи соли ҷорӣ зимни санҷиши сохтмони 1 ҳазору 178 бино, ки ба 455 ширкати сохтмонӣ тааллуқ доранд, 3 ҳазору 770 камбудӣ ошкор шуда, 90 шахси масъул ба маблағи умумии 300 ҳазору 254 сомонӣ ҷарима шудаанд.




*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Собиқ раиси Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Исматулло Абдуллозода бо ҳукми Суди Олии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуд. Дар ин бора раиси Суди Олӣ Рустам Мирзозода 21-уми июл зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ба гуфтаи ӯ, ҳукми суд 13-уми июли соли 2026 содир шуда, Абдуллозода бо пардохти ҷарима ба маблағи 2200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки ба 165 ҳазор сомонӣ баробар аст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардидааст. Ҳамчунин, раиси Суди Олӣ гуфт, ки Абдуллозода маблағи зарари молии расонидаашро пурра ҷуброн кардааст. Қаблан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар дода буданд, ки Исматулло Абдуллозода 94,3 миллион сомонӣ зарарро барқарор намуда, мебоист боз зиёда аз 922 миллион сомонии дигарро ба давлат баргардонад.

**Ду корманди Хадамоти гумруки Тоҷикистон пас аз қочоқи ғайриқонунии 476 сангпушт аз фурудгоҳи Душанбе ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар ин бора Хуршед Каримзода, сардори Хадамоти гумрук 21-уми июл дар нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Хадамоти гумруки Русия рӯзи 3-юми июл хабар дод, ки дар фурудгоҳи Домодедовои Маскав як шаҳрванди ин кишварро бо гумони қочоқи 476 сангушти нодир аз Тоҷикистон боздошт кардааст. Каримзода ин ҳодисаро "доғи ҷиддӣ" дар фаъолияти Хадамоти гумруки Тоҷикистон хонда, эътироф кард, ки "сангпуштҳои нодир ба далели бедиққатии коркунони ин ниҳод убур дода шудаанд".

**То имрӯз дар асоси қонуни нави афв дар Тоҷикистон 8 ҳазору 8 нафар аз муассисаҳои ислоҳии кишвар озод шудаанд. Дар ин бора вазири адлияи Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён 21-уми июл дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи вазир, ҳамаи ин афрод шахсоне мебошанд, ки қаблан бо ҳукми суд ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда, ҷазои худро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо мекарданд. Мақомоти масъул мегӯянд, ки татбиқи Қонуни афв марҳила ба марҳила идома дошта, шумораи умумии шахсони фарогири он дар рӯзҳои наздик боз ҳам бештар хоҳад шуд. Қонуни афв, ки ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ қабул шудааст, нисбати зиёда аз 18 ҳазор нафар татбиқ мешавад.

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Чархбол ба соҳили дигари рӯди Панҷ гузашт. Лаҳзае касе нафас намекашид. Ҳама нигоҳҳо ба домони фарохи рӯди Панҷ дӯхта шуданд. Гӯё ҳар кадоме бо нигоҳ бо Ватан хайрбод мегуфт. Нахуст Мурод Саидов ором, зери лаб гуфт:

- Гузаштем...

Касе посух надод.

Баъди чанд лаҳза овози дигаре баланд шуд:

- Хоки Афғонистон...

Ин ду калима дар кабина садои санги ба коми об фурӯрафтаро мемонданд. Ҳама медонистанд, ки акнун дигар дар паси онҳо на посгоҳҳои Тоҷикистон буданду на кафолати амният. Онҳоро чӣ интизор буд, касе намедонист.

Президент хомӯш аз тиреза ба соҳили дигари рӯд нигарист. Дар чеҳрааш на изтироб хонда мешуд ва на дудилагӣ. Танҳо нигоҳаш ҷиддитар гардида буд.

Чархбол аз болои Панҷ гузашта, ба фазои Афғонистон амиқтар фурӯ рафт.

### ШИКАСТИ ДЕВОРИ ЭЪТИМОД

Замин дар марзи Афғонистон ранги дигар дошт. Мазраъаҳои камоб мисли ҷазираҳои хурди сабз дар паҳнои даштҳои хокистарӣ пароканда буданд. Аз байни онҳо ҷӯйҳои борике мегузаштанд, ки гӯё бо ҳар қатраи об барои зинда мондани замин мубориза мебурданд. Дуртар кӯҳҳои азим мисли девори чинӣ қомат рост карда буданд.

Чархбол ба умқи фазои Афғонистон ворид мешуд, аммо риштаи хаёлот Президентро ба гирдоби ҳодисоти рӯзҳои гузашта мебурд.

Моҳи майи соли 1995. Кобул. Президент он сафарро ҳанӯз фаромӯш накардааст. Бо даъвати Раисҷумҳури вақти Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ӯ бори нахуст рӯ ба рӯ бо Абдулло Нурӣ нишаст. Он мулоқот на танҳо вохӯрии ду роҳбар, балки аввалин қадаме буд, ки ду ҷониби ҷанг ба сӯйи ҳам гузоштанд. Аз ҳамон рӯз музокироти сулҳ дигар танҳо кори ҳайатҳо набуд; сарнавишти он ба иродаи ду нафар вобаста гардид.

То он рӯз миёни ҳайатҳои Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик аллакай се даври музокирот дар Маскав, Теҳрон ва Исломобод сурат гирифта буд. Дар паси мизи музокирот суханони зиёде гуфта шуданд, ҳуҷҷатҳо омода гардиданд, ваъдаҳо садо доданд, аммо дар Тоҷикистон ҳанӯз садои тир хомӯш намегашт.



## ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

Оташбас борҳо эълон мешуду боз оташи ҷанг аланга мезад. Ин ба девори эътимод рахна ворид менамуд.

Аз ин рӯ, ҳама дарк мекарданд: то даме ки роҳбарони ду ҷониб рӯ ба рӯи ҳам нанишинанд, то даме ки сухан аз забони миёнаравон ба забони худи онҳо нагузарад, сулҳ орзу мемонад.

Кобул бояд девори нонамоёни беэътимодиро пора месохт.

Лаҳзаи аввалин мулоқот ҳанӯз ҳам пеши назараш равшан буд. Толор дар сукути амиқ фурӯ рафта буд. Ҳама нигоҳҳо ба онҳо дӯхта шуда буданд. Вақте ӯ ва Абдулло Нурӣ ба ҳам наздик шуданд, вақт гӯё лаҳзае аз ҳаракат бозмонд. Нахуст нигоҳҳо ба ҳам расиданд, сипас дастҳо.

Он дам Бурҳониддин Раббонӣ бо табассум гуфт:

- Акнун, ки даст додаю салом карданд, иншооллоҳ ба Тоҷикистон сулҳ ҳам меояд.

Ин ҷумла он рӯз як орзуе менамуд. Аммо аз ҳамон дастфишорӣ роҳи сулҳ оғоз ёфт. Ҳарчанд ҳама мушкилот ҳал нашуданд, ҷанг якбора қатъ нагардид. Аммо нахустин бор ба ҷойи садои тир садои гуфтугӯшунид баланд шуд.

Президент, ки аз тирезаи чархбол ба домани кӯҳҳо дида дӯхта буд, дар дил андешид: Шояд сулҳ ҳам аз ҳамин гуна лаҳзаҳои хурд оғоз меёбад. Аввал як нигоҳ. Баъд дастфишорӣ ва сипас дигаргунӣ дар сарнавишти миллат.

Вале мулоқоти Кобул бо сулҳ анҷом наёфт. Он мулоқот танҳо дари бастаро кушод. Аммо аз дар даромадан ҳам ҳанӯз маънои ба манзил расиданро надошт. Баъд аз он ҳайатҳои ду ҷониб боз дар Алмаато гирди мизи музокирот нишастанд. Бахсҳо тӯлонӣ буданд. Ҳар тараф ҳақиқати худро дошт. Ҳар банди ҳуҷҷат бо душворӣ таваллуд мешуд. Гоҳе чунин менамуд, ки то сулҳ ҳамагӣ як қадам мондааст. Аммо ҳамон як қадам чун сароб дуртар мерафт. Ӯ медонист, ки миллатро дигар наметавон бо фармон гирди ҳам овард. Онро танҳо дарди муштарак метавонист дубора муттаҳид созад. Гӯё тақдир дар пеши ӯ ҳамон масъулиятеро гузошта буд, ки замоне бар дӯши Исмоили Сомонӣ афтода буд.

Чархбол ба Панҷшер наздик меомад. Ӯ ҳис мекард, ки ин мулоқот идомаи ду мулоқоти пешин нест. Он имтиҳони ҳама он гуфтушунидҳое буд, ки дар Кобул оғоз ёфта, дар Теҳрон андаке шакл гирифт.

Президент ба Сайидамир Зуҳуров нигоҳ кард. Вазири амният сари худро каме ба пеш хам карда, ба халабон оромона дастур медод. Бо ангушташ самти парвозро нишон медод, баъзан аз тиреза ба кӯҳҳо ва дараҳо менигарист. Ҳар гардиши чархболро бо нигоҳи таҷриба месанҷид. Дар чеҳрааш изтироб дида намешуд. Аммо ин оромии одаме набуд, ки хатарро эҳсос намекунад. Ин оромии касе буд, ки умре бо хатар зистааст.

Ӯ хуб медонист, ки дар ин осмон хатои хурдтарин метавонад ба фоҷиа анҷом ёбад. Аз ҳамин сабаб ҳар сонияро назорат мекард, ҳар дараро бо нигоҳ месанҷид, ҳар ҳаракати чархболро баҳо медод. Зеро тамоми масъулияти амнияти ин сафарро бар дӯш дошт. Дар он лаҳза ӯ танҳо вазири амният набуд, сипари хомӯши ҳаёте буд, ки тақдири сулҳи Тоҷикистонро ба сӯйи Хусдеҳ мебурд.

Президент нигоҳашро аз Сайидамир Зуҳуров канда, ба кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Панҷшер дӯхт. Дар ҳамон лаҳза бори дигар ба худ иқрор кард, ки интихоби Хусдеҳ тасодуфӣ нест. Ҳанӯз ҳамон рӯзе, ки ошкоро изҳор карда буд, ки «ба хотири сулҳ омодаам дар ҳар гӯшаи дунё бо Саид Абдулло Нурӣ мулоқот кунам», медонист, ки интихоби макон ба тарафи муқобил вогузор аст. Ва онҳо Афғонистонро интихоб карданд. Ин интихоб маъноҳои зиёде дошт.

Афғонистон акнун Афғонистони собиқ набуд. Ҷанги дохили кишварро ба минтақаҳои нуфуз тақсим карда буд. Толибон рӯз ба рӯз қисми бештари хоки Афғонистон, шаҳру деҳаҳоро яке паси дигар ба тасарруфи худ медароварданд ва ҳалқаи муҳосираро тангтар мекарданд.

Дар шимоли кишвар вазъ боз ҳам печидатар буд. Генерал Абдурашид Дӯстум дигар аз ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ итоат намекард ва амалан ҳокими мустақили як қисмати минтақаи Шимол гардида буд. Дар чунин шароит ҳар дара, ҳар ағба ва ҳар гузаргоҳ зери назорати нерӯи алоҳида қарор дошт. Қонуни ягона набуд, дар ҳар қаламрав қумандонҳо тартиботи худро ҷорӣ мекарданд.

Аз ин рӯ, интихоби Афғонистони дар гирдоби ҷанг қарордошта ҳамчун макони музокирот ба манфиати баъзе кишварҳо буд.

Ибтидо макони мулоқот Шерхонбандар муайян гашт.

### ПЕШНИҲОДИ АҲМАДШОҲ МАСЪУД?

Аммо он рӯзҳо Шерхонбандар нуқтае буд, ки дар он макон гиреҳи манфиатҳои нерӯҳои мусаллаҳи маҳаллӣ, рақобати фармондеҳон ва таъсири қудратҳои хориҷӣ ба ҳам печида буданд. Ҳар лаҳза вазъ метавонист дигар шавад. Ҳар роҳ метавонист ба камингоҳ табдил ёбад.

Баъзеҳо шояд чунин мешумуранд, ки Президент ҷуръат нахоҳад кард ба ин сарзамини пурошӯб сафар кунад. Аммо онҳо хабар надоштанд, ки Президент қарори сафарро пеш аз интихоби макони мулоқот қабул карда буд. Барои ӯ дигар муҳим набуд, ки музокирот дар Кобул баргузор мегардад ё дар Шерхонбандар, дар Хусдеҳ ё дар гӯшаи дигари Афғонистон. Агар он роҳ ба сулҳ мебурд, ӯ омода буд онро паймояд.

Албатта, як иштибоҳи хурд метавонист ҷони ҳайати расмии Тоҷикистонро зери хатар гузорад. Аз ҳамин сабаб ӯ ба Сайидамир Зуҳуров супориш дод, ки ин масъаларо бо Аҳмадшоҳи Масъуд, вазири мудофиаи Афғонистон баррасӣ кунад. Зеро ӯ ин кишварро аз ҳар каси дигар хубтар медонад.

Зуҳуров баъди мулоқот бо Аҳмадшоҳи Масъуд суханони фармондеҳро бетағйир расонд.

Шерхонбандар барои чунин мулоқот ҷойи амн нест. Вазъият ҳар лаҳза метавонад дигар шавад. Ман Хусдеҳро пешниҳод мекунам. Кафолати амнияти мулоқотро ба дӯш мегирам.

Қарор қабул гашт, ки мулоқот дар Хусдеҳ баргузор гардад.

Чархбол оҳиста поён мефаромад. Аз дур майдончае намудор гардид, ки дар он одамони зиёде ҷамъ омада буданд. Аксари онҳо силоҳ дар даст доштанд. Баъзеҳо ба чархбол нигоҳ мекарданд, баъзеи дигар аз як канори майдон ба канори дигар медавиданд. Дусе мошини сабукрав ва чанд мошини зиреҳпӯш дар канор истода буданд.

Аз баландӣ маълум буд, ки дар майдон одамон либоси яксон надоштанд. Баъзеҳо либоси низомӣ дар тан, баъзеҳо ҷомаи одӣ. Аммо қариб ҳама мусаллаҳ буданд.

Дар дохили чархбол хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Касе сухан намегуфт. Ҳама нигоҳашонро ба поён дӯхта буданд.

**(Давом дорад)**

# АМОНАТБОНК

## Рушди устувор, қарзҳои дастрас ва қадами муҳим дар бонкдории рақамӣ




*Алиҷон Салимзода,*
*Раиси Раёсати "Амонатбонк"*

**Натиҷаҳои фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаш моҳи аввали соли 2026 нишон медиҳанд, ки ин ниҳоди молиявӣ дар баробари таҳкими иқтидори иқтисодии худ, ба дастгирии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ, маблағгузории соҳаҳои истеҳсолӣ ва тавсеаи хизматрасониҳои рақамӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Афзоиши дороиҳо, сармоя, пасандозҳо ва сандуқи қарзӣ, коҳиш додани меъёри фоизи як қатор қарзҳо ва васеъ шудани инфрасохтори пардохтӣ аз мавқеи устувори бонк ва боло рафтани эътимоди мизоҷон шаҳодат медиҳанд.**



### НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОЛИЯВӢ - ЗАМИНАИ РУШДИ МИНБАЪДА

Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои фаъолияти Амонатбонк дар нимсолаи аввали соли 2026 афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ мебошад. Ба ҳолати 30-юми июни соли равон дороиҳои бонк ба 13 миллиард сомонӣ расидаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 36 фоиз бештар аст.

Уҳдадориҳои бонк 11,8 миллиард сомониро ташкил дода, дар муқоиса бо нимсолаи аввали соли 2025 ба андозаи 38 фоиз афзоиш ёфтаанд. Ҳамзамон, сармояи Амонатбонк ба 1,2 миллиард сомонӣ расидааст, ки афзоиши 16,3-фоизаро нишон медиҳад.

Афзоиши ҳамзамони дороиҳо ва сармоя барои фаъолияти муассисаи молиявӣ аҳамияти махсус дорад. Ин раванд на танҳо аз тавсеаи амалиёти бонкӣ, балки аз афзудани имконияти маблағгузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар назди мизоҷону шарикон шаҳодат медиҳад.

Фоидаи софи Амонатбонк дар шаш моҳи аввали соли 2026 ба 100 миллион сомонӣ расидааст. Ин маблағ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30 фоиз зиёд буда, нақшаи пешбинишуда барзиёд таъмин гардидааст. Бонк ҳамчунин ба буҷети давлатӣ 68 миллион сомонӣ андоз ва дигар пардохтҳои хатмӣ ворид намудааст, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли 2025 ба андозаи 9,4 фоиз бештар мебошад.

Ин нишондиҳандаҳо собит месозанд, ки фаъолияти самараноки бонк танҳо ба рушди дохилии муассиса маҳдуд набуда, ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва татбиқи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ мусоидат менамояд.

### ЭЪТИМОДИ МАРДУМ ДАР АФЗОИШИ ПАСАНДОЗҲО

Баланд гардидани ҳаҷми амонатҳо яке аз нишонаҳои асосии эътимоди аҳолӣ ва ташкилотҳо ба низоми бонкӣ мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ бақияи умумии амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Амонатбонк ба 10,5 миллиард сомонӣ расидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 36 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ 17 фоиз зиёд гардида, бақияи он ба 3,5 миллиард сомонӣ расонида шудааст. Танҳо дар шаш моҳи аввали соли 2026 ба пасандозгузорон 62 миллион сомонӣ даромади фоизӣ пардохт гардидааст.

Барои ҳавасманд намудани шаҳрвандон ба пасандозгузорӣ фоизи пасандозҳои муҳлатноки дусола, сесола ва пасандози «Кӯдакона» аз як то ду банди фоизӣ баланд карда шудааст.

Ин иқдом барои ташаккули фарҳанги пасандозгузорӣ, ҳифзи маблағҳои шаҳрвандон ва ба гардиши иқтисодӣ ворид намудани захираҳои молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Махсусан, пасандози «Кӯдакона» ба оилаҳо имкон медиҳад, ки барои таҳсил, тарбия ва ояндаи фарзандон маблағ ҷамъоварӣ намоянд.

### ҚАРЗҲО ДАР ХИЗМАТИ АҲОЛӢ ВА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар нимсолаи аввали соли 2026 ҳаҷми умумии карзҳои пешниҳодкардаи Амонатбонк бо назардошти қарзҳои байнибонкӣ 1,2 миллиард сомониро ташкил додааст. Дар ин давра ба 27,6 ҳазор муштарӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод шудааст.

Сандуқи карзии бонк аз 4 миллиард сомонӣ бештар гардида, шумораи қарзгирандагон аз рӯйи бақияи қарзҳо ба 85 ҳазор нафар расидааст. Ҳаҷми сандуқи қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 21,9 фоиз ва шумораи қарзгирандагон 3 фоиз афзоиш ёфтааст. Маблағҳои қарзӣ ба дастгирии аҳолӣ, кишоварзӣ, соҳибкорӣ, саноат, тиҷорат, сохтмон, хариди манзил ва дигар бахшҳои иқтисодиёт равона гардидаанд. Ҷиҳати дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва сахмгузорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсулоти нави қарзии имтиёзноки «Дастгирии деҳқон» роҳандозӣ шудааст. Ин ташаббус метавонад ба кишоварзон барои хариди тухмӣ, нуриҳои минералӣ, техника ва дигар воситаҳои истеҳсолӣ имкониятҳои бештар фароҳам орад.

### МЕЪЁРИ ҚАРЗҲО ПАСТ КАРДА ШУД

Бо мақсади дастгирии аҳолӣ ва соҳибкорӣ Амонатбонк меъёри фоизии як қатор маҳсулоти қарзиро коҳиш дод. Аз ҷумла, меъёри қарзҳо барои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз 18 ба 16 фоиз ва барои соҳаи саноат аз 18 ба 15 фоиз поён бурда шуд.

Коҳиш ёфтани фоизи қарзҳо барои соҳибкороне, ки дар бахшҳои истеҳсолӣ, саноатӣ, сайёҳӣ ва ҳунармандӣ фаъолият мекунанд, аҳамияти муҳим дорад. Чунин маблағгузорӣ метавонад ба таъсиси корхонаҳои нав, зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсол, муаррифии ҳунарҳои миллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

Дар нимсолаи аввали соли равон ба 143 муштарӣ қарзи ипотекӣ пешниҳод гардида, ҳаҷми чунин қарзҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,7 фоиз ва шумораи қарзгирандагон 24,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар доираи ҳамкории бонк бо ширкатҳои сохтмонӣ меъёри қарзҳои ипотекӣ ба 14 фоизи солона баробар гардида, муҳлати истифодаи онҳо то 10 сол муқаррар шудааст. Ин тадбир дастраси шаҳрвандонро ба маблағгузории хариди манзил беҳтар менамояд.

### ҲАМКОРӢ БО ШАРИКОНИ ХОРИҶӢ

Амонатбонк барои ҷалби захираҳои молиявӣ ва дастгирии ширкатҳои ватанӣ ҳамкориро бо муассисаҳои байналмилалӣ густариш додааст. Аз ҳисоби хатҳои қарзии Ҷамъияти саҳомии «KazakhExport»-и Ҷумҳурии Қазоқистон ва Бонки давлатии рушди Чин ба 21 ширкати ватанӣ дар маҷмӯъ 39,5 миллион доллари ИМА ва 5,9 миллион юани чинӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод шудаанд.

Ҷалби маблағгузории хориҷӣ барои навсозии иқтидори истеҳсолӣ, ворид намудани таҷҳизоти муосир ва татбиқи лоиҳаҳои калони соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ин ҳамкориҳо ҳамзамон мавқеи бонкро ҳамчун шарики боэътимоди бахши хусусӣ тақвият мебахшанд.

### АЗ ХИЗМАТРАСОНИИ АНЪАНАВӢ ТО БОНКИ РАҚАМӢ

Дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» Амонатбонк татбиқи хизматрасониҳои нави фосилавиро идома додааст. Бонк ба низоми ягонаи гардиши ҳуҷҷатгузории электронии байниидоравӣ шомил гардидааст.

Тавассути чат-боти AmonatbankBot дархостҳо барои гирифтани қарз ба маблағи 7,3 миллион сомонӣ қонеъ карда шудаанд. Ҳаҷми пардохти қарзҳо тавассути каналҳои рақамӣ аз 180 миллион сомонӣ гузашта, 21 фоизи ҳаҷми умумии пардохтҳои қарзиро ташкил додааст.

Дар ҳамин давра 3052 мизоҷ тавассути пасандози рақамии «Дастрас» 18 миллион сомонӣ пасандоз гузоштаанд. Маҳсулоти нави қарзии рақамии «Онлайн» низ роҳандозӣ гардидааст.

Шумораи истифодабарандагони замимабарномаи "Амонатмобайл" аз 1,7 миллион нафар зиёд шудааст. Тавассути ин барнома шаҳрвандон метавонанд хизматрасониҳои давлатӣ, коммуналӣ ва дигар пардохтҳоро ба таври фосилавӣ анҷом диҳанд. Ба интернетбонкинги Амонатбонк 17 ҳазору 882 корхонаю ташкилот пайваст гардидаанд.

### ИНФРАСОХТОРИ ФАРОГИР ВА МАСЪУЛИЯТИ ИҶТИМОӢ

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии Амонатбонк ба 2,1 миллион нафар расидааст. Инфрасохтори пардохтии бонк зиёда аз 5,1 ҳазор POS-терминал, 375 банкомат ва 4829 QR-рамзи ягонаро дар бар мегирад.

Амонатбонк тавассути 75 филиал ва 547 маркази хизматрасонии бонкӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият мекунад. Чунин шабакаи васеъ имкон медиҳад, ки сокинони минтақаҳои дурдаст низ ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

Дар фаъолияти бонк масъулияти иҷтимоӣ низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар нимсолаи аввал ба Мактаб-интернати №5 барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе ба маблағи 105,6 ҳазор сомонӣ маводи хӯрокворӣ ва хӯроквории ба хӯроквориӣ дастрас карда шудааст. Ҳаҷми умумии кумакҳои хайриявии бонк 122,1 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар маҷмӯъ, фаъолияти шашмоҳаи Амонатбонк нишон медиҳад, ки ин ниҳоди молиявӣ рушди нишондиҳандаҳои иқтисодиро бо дастгирии иҷтимоӣ, қарздиҳии мақсаднок ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир пайваст сохтааст. Афзоиши эътимоди мизоҷон, тавсеаи маблағгузории соҳибкорӣ ба гузариш ба хизматрасониҳои рақамӣ замина мегузоранд, ки Амонатбонк минбаъд низ дар рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонии бонкӣ саҳми назаррас гузорад.

# СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ДАР НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ПАЙГИРОНА ТАТБИҚ МЕГАРДАД



*Сафарзода Султон Сафар, сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ*

**« ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНА ВА ИҶТИМОИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ДАСТГИРИИ ПАЙВАСТАИ ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ ВА ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ МУАЙЯНШУДАИ РУШДИ ДАВЛАТӢ ДАР НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ҶИҲАТИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ БУҶЕТ, МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ЗИНДАГИИ МАРДУМ ТАДБИРҲОИ МУАССИР АМАЛӢ МЕГАРДАНД.**

Ба гуфтаи сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Сафарзода Султон Сафар, натиҷаҳои шаш моҳи аввали соли 2026 шаҳодат медиҳанд, ки дар ноҳия иҷрои нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ таъмин гардида, маблағгузории маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва дигар бахшҳои ҳаётан муҳим дар меҳвари фаъолияти мақомоти давлатӣ қарор гирифтааст.



Зикр гардид, ки сиёсати молиявию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва таъмини фаъолияти босамари сохторҳои давлатӣ равона гардидааст. Дар ин раванд Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун барномаи мукаммали рушди давлату ҷомеа барои тамоми сохторҳои марказӣ ва маҳаллӣ аҳамияти роҳнамоӣ доранд.

Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо нозироти андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва дигар сохторҳои масъул ба роҳ мондааст. Ҳадафи асосии чунин ҳамкории судманд таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026», татбиқи қарорҳои Ҳукумати мамлакат ва истифодаи мақсаднокy самараноки маблағҳои давлатӣ мебошад. Дар баробари ин, баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон ва мусоидат ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян гардидаанд.

Натиҷаҳои нимсолаи аввал нишон додаанд, ки татбиқи тадбирҳои андешидашуда самараи назаррас ба бор овардааст. Нақшаи аниқшудаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар шаш моҳи аввали соли 2026 ба маблағи 37 миллиону 708,3 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Дар натиҷаи ҳамкории муназзами мақомоти молияву андоз, масъулияти роҳбарони ташкилоту муассисаҳо ва сахми андозсупорандагон ба буҷети маҳаллӣ 40 миллиону 168,2 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст. Ба ин тартиб, нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ аз рӯйи ҳафт намуди сарчашмаҳои андозӣ 107 фоиз иҷро гардидааст. Маблағи воридшуда нисбат ба нақша 2 миллиону 459,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо шаш моҳи аввали соли 2025 низ қобили таваҷҷуҳ аст. Агар дар ҳамин давраи соли гузашта ба буҷети маҳаллӣ 31 миллиону 583,4 ҳазор сомонӣ ворид шуда бошад, пас дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми даромад 8 миллиону 584,8 ҳазор сомонӣ ё 21,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Афзоиши даромади буҷет пеш аз ҳама аз рушди фаъолияти иқтисодӣ, баланд шудани масъулияти андозсупорандагон ва беҳтар гардидани низоми маъмурикунонии молиявию андозӣ шаҳодат медиҳад. Ҳар сомоние, ки ба буҷет ворид мегардад, барои пешбурди корҳои ободонӣ, таъмини фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ, пардохти музди меҳнат ва беҳтар намудани шароити хизматрасонӣ ба аҳолӣ замина фароҳам месозад.




Дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон низ дар таъмини устувории молиявии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ нақши муҳим дорад. Дар шаш моҳи аввали соли 2026 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба ноҳия 71 миллиону 331 ҳазор сомонӣ маблағи мақсаднок ҷудо карда шудааст. Ҳамчунин, аз буҷети вилояти Хатлон 5 миллиону 304 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Дар маҷмуъ, ҳаҷми маблағҳои мақсадноки аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ ба буҷети маҳаллӣ воридшуда 76 миллиону 635 ҳазор сомониро ташкил додааст. Нақшаи воридоти ин маблағҳо пурра, яъне сад фоиз иҷро гардида, маблағҳо барои пардохти фонди музди меҳнати кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ равона карда шудаанд.

Иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ 96,2 фоизро ташкил дода, аз ин ҳисоб ба буҷет 26 миллиону 799,1 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Муҳимтар аз ҳама, ҳаҷми воридоти андози иҷтимоӣ нисбат ба шаш моҳи аввали соли 2025 ба маблағи 6 миллиону 65,9 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Дар сиёсати хароҷотии буҷети маҳаллии ноҳия самти иҷтимоӣ мавқеи калидӣ дорад. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ дар шаш моҳи аввали соли 2026 ба андозаи 92 фоиз иҷро гардида, аз нақшаи 125 миллиону 465,7 ҳазор сомонӣ 115 миллиону 391,6 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст.

Аз ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети маҳаллӣ 110 миллиону 480,9 ҳазор сомонӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг ва варзиш равона гардидааст. Ин маблағ беш аз 95,7 фоизи тамоми хароҷоти буҷети маҳаллиро ташкил медиҳад. Чунин нишондиҳанда собит месозад, ки инсон, тарбияву таълими насли наврас, ҳифзи саломатии мардум ва дастгирии табақаҳои ниёзманд дар маркази сиёсати иҷтимоии давлат ва фаъолияти мақомоти маҳаллӣ қарор доранд.

Маориф ҳамчун соҳаи тақдирсоз аз ҳама бештар маблағгузорӣ гардидааст. Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ба ин бахш 87 миллиону 405,3 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст. Ба соҳаи тандурустӣ 21 миллиону 960 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Нақшаи маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сад фоиз иҷро шудааст. Маблағгузории нақлиёт ва коммуникатсия низ пурра таъмин гардида, дар соҳаи манзилию коммуналӣ иҷрои нақша ба 98,8 фоиз расидааст. Ба соҳаҳои мудофиа, фарҳанг, мақомоти иҷроия ва хоҷагии кишлоқ низ дар доираи нақшаҳои тасдиқгардида маблағҳои зарурӣ равона карда шудаанд.

Яке аз дастовардҳои муҳими фаъолияти мақомоти молияи ноҳия дар давраи ҳисоботӣ мавҷуд набудани қарздорӣ аз рӯйи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ мебошад. Дар назди муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби музди меҳнат, маблағҷудокуниҳои андозӣ, хариди хӯроквορӣ, доруворӣ ва дигар хароҷоти муҳим қарз ба вуҷуд наомадааст.

Ин натиҷа аз интизоми молиявӣ, назорати мунтазам ва дуруст муайян кардани афзалиятҳо шаҳодат медиҳад. Зеро пардохти саривақтии музди меҳнат ва таъмин намудани муассисаҳо бо маводи зарурӣ омили муҳими фаъолияти босуботи соҳаҳои буҷетӣ мебошад.

Ба гуфтаи Сафарзода Султон Сафар, Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ тасмим гирифтааст, ки дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда ва таъмини маблағгузории чорабиниҳои пешбинишуда тадбирҳои иловагӣ андешад.

- Дар маҷмуъ, натиҷаҳои шаш моҳи аввали соли 2026 аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати молиявии давлат дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ пайгирона татбиқ гардида, буҷети маҳаллӣ ба манфиати рушди иҷтимоӣ ва беҳбудии зиндагии мардум хизмат мекунад. Афзоиши даромад, иҷрои барзиёди нақша, маблағгузории устувори соҳаҳои иҷтимоӣ ва мавҷуд набудани қарз аз рӯйи моддаҳои ҳимояшаванда заминаи боэътимод барои расидан ба натиҷаҳои боз ҳам беҳтар дар нимсолаи дуюми соли 2026 фароҳам меоранд,- меафзояд ӯ.

**Машраби АЛОВИДДИН**

# БАРДОШТУ ТААССУРОТ АЗ ЁДДОШТУ ХОТИРОТ



*Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,*
*президенти АМИТ,*
*академик*

(Дар хошияи «Ёддоштҳо»-и муҳаққиқ, сиёсатшинос ва адиби пуркори миллӣ устод Саймумин Ятимов)

Аз охири солҳои навадуми садаи бист шурӯъ карда, миёни ҳавзаҳои илмию фаннӣ ва доираҳои адабию мадании ватанӣ исми донишманд, муҳаққиқ ва коршиноси масоили илмӣ, сиёсию мафкуравӣ Саймумин Ятимов маъруф мегардад ва бад-ин минвол, то имрӯз ин шахсияти илмию фалсафӣ ва сиёсию маданӣ бо самимияти калом ва масъулияти тамом дар ҷодаи илму фарҳангу адаби миллӣ пайгиронаву муваффақона хомафарсой мекунад.

Ихтисоси аввалия ва бунёдии профессор С. Ятимов филолог аст ва бо он ки тайи фаъолияти минбаъдаи расмию давлатӣ тахассусҳои дигареро соҳиб шудааст, аз ихтисоси аввалияш канор нагирифта, ҳамеша бар мабнои салиқаи адабӣ ва завқи бадеию эстетикӣ пайи эҷод мебошад.

Таълифи адабию бадеиро дар ҳамоҳангӣ бо равиши илмию фалсафӣ мепазирад ва он чӣ менавиштаву менависад, ҳамагӣ бар асоси мантиқу фалсафа ва ба истилоҳ, қонунмандиҳои диалектикӣ қаламӣ шудаанд.

Мусалламан, донишманди тоҷик Саймумин Ятимов фориғ аз маъмуриёти давлатӣ ва умури илмӣ, дар анвои гуногуни адабӣ, аз ҷумла, достоннависӣ табъу салиқаи худро озмуда ва инак, дар масири ёддоштнависӣ гомҳои устувор бардоштааст.

Чун аз улум ва равандҳои адабии муосир хуб огоҳ аст, сабки тасвирнигории ҷолиб дорад ва ба хотири хаста нашудани хонанда лаҳзаҳои рангину муассири умрашро кӯтоҳу равшан қисса намуда, баъзан, бо ручуъҳои лирикӣ кулли бобу бахшҳои “Ёддоштҳо”-ро унвони зебои бадеӣ додааст.

Ин навъ нигориш, аз як тараф, хондани китобро саҳлу осон гардонад, аз ҷониби дигар, хастагии хонандаро рафъ месозад ва вазъи гузариш аз як бахш ба бахши дигари ёддошту хотиротро бароҳат менамояд.

Албатта, дар баробари адибону нависандагону шоирон, нафарони дигар касбу кор ҳам, бо шумули файласуфону мутафаккирон, донишмандону муҳаққиқон, рӯзноманигорону муҳандисон, сиёсатмадорону давлатмардон ва соири эҷодкорон дар ростои ба қалам овардани хотираҳои хеш ибтикор кардаанд.

Дар зимн, ҳадафи бисёре аз ёддоштнависону хотиранигорони ватанию хориҷӣ, ғолибан ба намоиш гузоштани ҳунару тавонмандии эҷодии худ нест. Балки ҳадафи асосӣ рӯйи коғаз овардани лаҳзаҳои рангини ҳаётӣ ва печутобҳои муассири зиндагӣ, натиҷабардорӣ аз таҷрибаи ҳаётӣ ва бо чашми ибрат нигаристан ба камбуду нуқсонҳои фардиву ҷамъиятӣ буду ҳаст.

Намунаи ин гуна ташаббусро дар адабу фарҳанги миллӣ устод Айнӣ (ниг.: Айнӣ С., Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб.– Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009.– 680 саҳ.), Сотим Улуғзода (ниг.: С. Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956.– 358 саҳ.), Ҷалол Икромӣ (ниг.: Ҷ. Икромӣ. Он чӣ аз сар гузашт. Ёддоштҳо.– Душанбе, 2009.– 360 саҳ.), Худойназар Асозода (Достони зиндагӣ дар 6 ҷилд) ва дигарон анҷом додаанд.

Овозадортарин фармондеҳи Артиши Шуравӣ Георгий Константинович Жуков ҳам саргузашту корномаҳои хешро дар ду ҷилд таҳти унвони “Ёддоштҳо ва андешаҳо” (ниг.: Жуков Г. К., Воспоминания и размышления.– М.: Издательство АПН, 1969.– 735 с.) рӯйи чоп овардааст.

Саймумин Ятимов ҳам ба жанри ёддоштию хотиротӣ майл намуда, мунтахаби лаҳзаҳои зиндагиашро дар ду қисм рӯйи коғаз овардаву нашр кардааст (муфассал тавассут шавад: С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1.– Душанбе: “Эко Принт”, 2024.– 672 саҳ.; С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2.– Душанбе: “Эко Принт”, 2024.– 704 саҳ.), ки мо сари қисми якум таассуротамонро ироа менамоем.

Қаблан, изҳор медорем, ки “Ёддоштҳо”-и С. Ятимов фарогири мавзуъ ва масоили умдаву умумии доманадор мебошанд. Ва наметавон дар доираи як матлаб сари кулли онҳо таваққуз намуд. Бинобар ин, феълан назари хешро дар робита бо муҳтавои қисми якуми “Ёддоштҳо”-и С. Ятимов ба таври мухтасар баён мекунем:

Якум. Аз мурури мутолеаи “Ёддоштҳо” бармеояд, ки муаллиф, воқеан, дар сатҳи як нависандаи муосири миллӣ мавзуот ва масоили ҳассосу хотирмони зиндагиро баррасӣ карда, дар боззобу тасвири ҳодисаҳои рӯзгор ва лаҳзаҳои пурмоҷарои умр муваффақ шудааст.

Силсиламушаххасоти ҳирфаие монанди сабки вежаи адабӣ, салиқаи махсуси эҷодӣ, шеваи зебои вожагузинию портретофаринӣ, назокати дарки масъалаҳои фарҳангӣ ва равиши илмии мунҳасир ба фарди фикрӣ иҷоза медиҳанд, ки ӯро дар симати як нависандаи матраҳи миллӣ ном бубарем. Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар ҷараёни нигориши матлаб аз профессор С. Ятимов ба унвони нависанда ёд мекунем.

Дувум. Ба ин минвол, нависанда С. Ятимов бо такя ба таҷрибаи ёддоштнависии миллию фаромиллӣ ба қаламӣ кардани хотироти хеш мепардозад.

Мавсуф дар муқаддимаи қисми якуми “Ёддоштҳо” менависад: “Дар атрофи таълифи зиндагинома чанд соли ахир андеша кардам ва ба хулосае омадам: вақти он расидааст, ки ба ҳамватанон дар бораи он чӣ аз сар гузашт, ибрози назар дошта бошам” (ниг.: С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1.– Душанбе: “Эко-Принт”, 2024.– С. 3). Ин таъкиди муқаддимотӣ тазаккуроти аввалияи устод Айниро дар “Ёддоштҳо”, ки таҷрибаи ҳаётии устодро дар бар гирифтааст, ба ёд меоварад.

Садриддин Айнӣ дар ин замина ишора мефармояд, ки бо гузашти умр ва касби таҷрибаи зиндагӣ вақту фурсати навиштани ёддоштҳо фароҳам омадааст (ниг.: Айнӣ С. Ёддоштҳо.– Қисмҳои 1, 2.– Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954.– С. 5).

Бо таваҷҷуҳ ба ин, нависанда С. Ятимов дар пайравӣ ба устод Айнӣ ва эътимоду ихлос ба ин қаҳрамони миллат китоби ёддошти худро дар ду қисм ба табъ расонида, кӯшидааст, ки сарнавишт ва рӯзгори хешро, ки аз маҷмуаи ҳаводиси талху ширин таркиб ёфтаанд, гирди ҳам ҷамъ оварда, манзури доираи васеи хонандагон гардонад.

Нависанда Саймумин Ятимов ба устод Айнӣ ихлосу иродати зиёд дошта, китоби “Ёддоштҳо”-и ӯро ҳамеша мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, нукоти зарурии илмиеро бар мабнои ин китоби пурарзиши миллӣ дар қолаби мақолаву мутолиботи зиёди илмӣ ва илмию оммавӣ ироа кардааст.

Чанд моҳ қабл, адабиётшинос мақолаи ҷиддии илмию пажӯҳишиашро таҳти унвони “Устод Айнӣ ва инқилоби маданӣ” (таваҷҷуҳ шавад ба: С. Ятимов. Устод Айнӣ ва инқилоби маданӣ. //Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ, №2 (40), 2025.– С. 5-29) ба табъ расонд. Бар асоси далелу рақамҳои санҷидашудаи таърихию илмӣ зарурати эҳёву бозсозии бархномаи инқилоби маданиеро, ки устод Айнӣ дар охири замони амирсолорӣ ва муҳити сохтори сотсиалистӣ ғоязу роҳандозӣ карда, муваффақ гардида буд, дар шароит ва замони нави таърихӣ, дар баробари таҳоҷумоти мафкуравӣ, барҳӯрдҳои тунди сиёсию тамаддунӣ таъкид намуд.

Бахши муҳиме аз ибтикороти устод Айнӣ дар заминаи инқилоби фикрию маданӣ дар китоби “Ёддоштҳо” тазаккур ёфтаанд. Профессор Саймумин Ятимов ҳам, чун пайрави содиқу вафодори устод Айнӣ ҳадаф гузоштааст, ки дар қолаби насри бадеию илмию таърихӣ як асари ёддоштию хотиротӣ таълиф намуда, зимни баёноти саргузашти фардӣ, ҳамчунин, мавзуъ ва масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ, таърихофаринӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва байналмилалиро матраҳ сохта, дар ин замина, муҳокимаю хулосабандиҳои ҷолиби адабӣ, илмӣ ва публитсистии худро дар хидмати доираи васеи хонандагон қарор диҳад.

Гузашта аз ин, нависанда С. Ятимов дар бахши “Равонро зи дониш ҳама ҷавшан аст”-и “Ёддоштҳо” (Қисми 1, саҳ. 290-292) иродати қавӣ доштанашро ба устод Айнӣ аз даврони таҳсилоти мактаби миёнаи умумӣ ихлосу изҳор дошта, аз ҷумла бар он таъкид меварзад, ки осори Айнӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмию фалсафӣ, тақвияти завқи бадеию эстетикӣ, шинохту дарки ҳаводиси рӯзгору зиндагӣ, муҳим будани донишу маърифати инсонӣ, зарурати маорифпарварии миллӣ ва ҳадафгирии дурустҳисобӣ барояш мусоидат кардаву сахт ҷолибу ангезабахш будаанд. Ин аст, ки иброз медорад: “Ба ҷаҳонбинии ман аз ҳама зиёдтар асарҳои устод Садриддин Айнӣ таъсир расонданд. Махсусан, давраҳои наврасӣ, ҷавонӣ, омилҳо ва ҷараёни таҳаввулоти фикрии ӯ, ғоязи мубориза барои ҳаёти маорифпарварона, тариби мактаб, даъватҳо ба мақсади рӯ ба илму дониш овардан, мазамамати хурофот, ҷаҳлу нодонӣ, ки сарчашмаи тамоми бадбахтиҳои инсон мебошанд, дар интихоби ҷодаи ҳаёт барои ман муассир буданд” (Ҳамон ҷо, с. 291).

Севум. Дар маҷмуъ, қисми якуми “Ёддоштҳо”-и нависанда С. Ятимов (ниг.: С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1.– Душанбе: “Эко Принт”, 2024.– 672 саҳ.) мунтахаби лаҳзаҳои умри хешро аз ваҳорсолагӣ то ба бозгашт аз таҳсилоти Курсҳои олии тахассусии Минск нақл намуда, дар ин миён масъалаҳои умдаи хонаводагӣ, маҳаллӣ, музофотӣ, ахлоқӣ, мафкуравӣ, маърифатӣ, тарбиятӣ, ҳувиятӣ, маданӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, давлатӣ ва фалсафиро вобаста ба шароити зиндагӣ, муҳит ва фазои иҷтимоии фардиву ҷамъиятии давр мавриди тасвир қарор медиҳад.

Дарвоқеъ, ин марҳалаи зиндагӣ дар қисми якуми китоби “Ёддоштҳо” аз муҳити хонаводагӣ, ҳавзаи деҳотӣ, фазои маҳаллӣ, айёми бачагӣ, даврони мактабӣ, давутози наврасӣ, шеваи дарсомӯзӣ, шароити касбинтихобкунӣ, устодони барҷастаи касби муаллимии маҳаллӣ ва донишгоҳӣ оғоз гардида, то замони аскарӣ, пайвастан ба фазои муаллимӣ идома ёфта, бо қиссаи вуруд ба кори мақомоти бехатарии давлатӣ анҷом мепазирад.

То ба ин марҳалаи зиндагӣ расидан, муаллиф ранҷу машаққатҳои зиёдеро таҳаммул карда, марҳала ба марҳала ба таври тадриҷӣ шахсияти худро ташаккул ва такмил додааст.

Ҳар як лаҳзаи рӯзгори нависанда, бо таваҷҷуҳ ба арзишмандии умр ва зиндагӣ омӯзанда ва ибратбахш аст.

Бисёре аз лаҳзаҳоти сарнавишти муаллиф, ки бо талошҳои фардӣ, таҷрибаю сахткӯшиҳои шахсӣ дар роҳи расидан ба ҳадафу мақсад ва дар ниҳоят, дар ҷомеа мақому ҷойгоҳи шоиста касб намудан тавъаманд, на танҳо дар шинохти шахсияти нависанда ба мо кумак мерасонанд, балки дар шаклгирии ҷаҳонбинию тафаккури илмию мантиқии насли наврасу ҷавони миллат ҳамчун намуна ва манбаи зарурии омӯзишию таҳлилию таҷрибаандӯзӣ мусоидат менамоянд.

Чаҳорум. Тафовути ёддошту хотироти соири адибону шоирону нависандагону рӯзноманигорону донишмандону низомиёну сарлашкарон аз ёддоштҳои С. Ятимов дар он аст, ки мавсуф дар тасвири ҳар лаҳзаи зиндагӣ ва саргузашти рӯзгори фардию ҷамъӣ, ҳатман ба илму маъниқ таваҷҷуҳ мекунад ва бар мабнои ҷаҳоншиносии илмию фалсафӣ хулосабандӣ менамояд.

Аз сӯйи дигар, нависанда равиш ва ба истилоҳ, методологияи илмиро дар баёни ҳаводиси зиндагӣ ҳаргиз раҳо накарда, ҳангоми нақли воқеаҳо ва баррасии мавзуоти зарурӣ, ҳатман, бар таъкиду хулосаҳои бузургони илму фалсафаи ҷаҳонӣ такя менамояд. Ин аст, ки аз ибтидои китоб то ба интиҳо равиш, сабк, шева ва тарзи баёни илмию мантиқию фалсафиро дунбол мекунад ва аз ин тариқ, чархаи саргузашташро ба ҳаракат медарорад.

Панҷум. Нависанда дар эҷоди ёддошту хотирот аз насрҳои бадеӣ – фалсафӣ, бадеӣ – таърихӣ ва бадеӣ – илмӣ кор гирифта, анвои насрро як навъ омехта ва онҳоро дар муносибати системавӣ (алоқамандӣ, ҳамбастагӣ, вобастагӣ бо тамоюли мухторияти фикрӣ) қарор додааст, ки ниҳоят ҷолибу хондонӣ баромада, доираҳои мутолеотии мо бидуни ишколе аз ин навъи насри бадеию илмӣ истифода ва зимни мутолаа, усулан, лаззат ҳам мебаранд.

Аз тарафи дигар, нависанда лаҳзаҳоти интихобкардаи зиндагӣ, дар маҷмуъ, саргузаштаашро бар мабнои далелҳои илмию тахассусӣ ва мантиқи фалсафӣ манзур намудааст. Ҳатто дар мавриди кӯчактарин ва ҷузъитарин мавзуъ ва масъала аз мавқеияти илмӣ кор гирифта, ҳаргиз намегузорад, ки дар масири тасвири хотироту ёддоштҳо ҳам хурофотдовариҳо роҳ ёбанд ва бинои илму фалсафа садама бинад.

**(Давом дорад)**



## ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚИ РУССИЯ

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*

# ИЛҲОМ ШОКИРОВ

## Соҳибкоре, ки сармояро ба нуфуз табдил дод



### БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Илҳом Шокиров аз ҷумлаи соҳибкорони сарватманд ва бонуфузи тоҷиктаборест, ки берун аз Тоҷикистон империяи бузурги тиҷоратӣ бунёд кардааст. Ӯ зодаи шаҳри Исфара буда, сармояи нахустини худро дар соҳаи нафт ба даст овардааст. Баъдан фаъолияти соҳибкориашро дар меҳмонхонадорӣ, амволи ғайриманқул ва дигар бахшҳои сердаромад густариш дод.

Номи Илҳом Шокиров бештар бо меҳмонхонаи машҳури Grand Mir Hotel-и Тошканд, савдо дар маркази савдою фароғатии «Демир» ва чанд меҳмонхона дар вилояти Маскав пайванд дода мешавад.

### АЗ ИСФАРА БА ТИҶОРАТИ БУЗУРГ

Дар бораи марҳалаҳои аввали фаъолияти Илҳом Шокиров маълумоти зиёд нашр нашудааст. Ӯ аз ҷумлаи соҳибкоронест, ки аз таблиғоти шахсӣ дурӣ меҷӯяд, кам мусоҳиба медиҳад ва ҷузъиёти тиҷорати худро ошкор намесозад.

Тибқи маълумоти расонаҳо, Шокиров сармояи ибтидоии худро дар соҳаи нафт ба даст овард. Баъдан маблағҳояшро ба меҳмонхонаҳо ва амволи тиҷоратӣ равона кард. Ин интихоб ба ӯ имкон дод, ки на танҳо сармояашро ҳифз намояд, балки дар бозорҳои муҳими Осиёи Марказӣ мавқеи устувор пайдо кунад.

Маъруфтарин дороие, ки ба номи ӯ нисбат дода мешавад, меҳмонхонаи Grand Mir Hotel дар маркази Тошканд аст. Ин бино ҳанӯз соли 1964 ҳамчун меҳмонхонаи «Россия» сохта шуда, дар оғози солҳои 2000-ум пурра навсозӣ гардид.

Пас аз тарки бозори Ӯзбекистон кардани ширкати туркии Demir Group меҳмонхона соҳиби нав пайдо намуд. Бино ба навиштаи расонаҳо, онро Илҳом Шокиров харидорӣ кардааст. Матбуот ӯро ҳамчунин соҳиби сахм дар маркази тиҷоратии «Демир» ва чанд меҳмонхонаи дигар дар вилояти Маскав медонад.

Рӯйхати пурраи ширкатҳо ва сохтори моликияти соҳибкор ошкор нашудааст. Аммо ҷуғрофиёи дороиҳои ба ӯ нисбатдодашуда нишон медиҳад, ки Шокиров фаъолияташро танҳо ба як кишвар маҳдуд накардааст.

### ХЕШОВАНДӢ БО ЭЛИТАИ СИЁСӢ

Соли 2010 писари Илҳом Шокиров бо духтари Рустам Азимов - яке аз сиёсатмадорони пурнуфузи Ӯзбекистони он давра издивоҷ кард.

Рустам Азимов дар вазифаҳои вазири молия, муовини сарвазир ва муовини якуми раиси Ҳукумати Ӯзбекистон фаъолият дошт. Ӯ солҳои зиёд бахшҳои муҳими иқтисодӣ, молиявӣ ва робитаҳои хориҷии кишварро назорат мекард.

Ин издивоҷ хонаводаи соҳибкори зодаи Исфараро бо яке аз оилаҳои бонуфузи сиёсии Ӯзбекистон пайваст. Дар шароити Осиёи Марказӣ, ки муносибатҳои шахсӣ ва эътимоди байниҳамдигарӣ дар баробари сармоя аҳамияти калон доранд, чунин робитаҳо метавонанд ба манбаи муҳими нуфуз табдил ёбанд.

Маросими арӯсӣ бо шукуҳу шаҳомати хос баргузор шуд. Тибқи навиштаи расонаҳо, меҳмонон Ксения Собчак, Григорий Лепс, гурӯҳи «А-Студио» ва ансамбли машҳури «Ялла» шод карданд. Арзиши либоси арӯс дар баъзе нашрияҳо то ду миллион доллар арзёбӣ мешуд, ҳарчанд ин рақам расман тасдиқ нашудааст.

### ТӮЙЕ, КИ МАСКАВРО БА ГУФТУГӮ ОВАРД

Соли 2016 насаби Шокировҳо бори дигар дар сархати расонаҳо қарор гирифт. Ин дафъа Илҳом Шокиров духтараш Мадинаро ба шавҳар дод.

Маросим дар «Конгресс-парк»-и меҳмонхонаи Radisson Royal-и Маскав баргузор шуда, ба он наздики 900 меҳмон даъват гардиданд. Дар барномаи тӯй Иван Ургант, Алла Михеева, Филипп Киркоров, Леонид Агутин, Сосо Павлиашвили, Глюкоза ва дигар ситораҳои эстрадаи Русия ҳунарнамоӣ карданд.

Таваҷҷуҳи асосии расонаҳоро либоси арӯс аз хонаи мӯди бритониёии Ralph & Russo ба худ ҷалб намуд. Арзиши он 500 ҳазор фунт стерлинг - тақрибан 40 миллион рубли ҳамонвақта арзёбӣ мешуд. Либос бо марворид, булӯрҳои Swarovski, риштаҳои нуқрагин ва ороишоти дастӣ зинат дода шуда буд.

Ин маърака на танҳо имкониятҳои молиявии оилаи Шокиров, балки доираи васеи робитаҳои онҳоро низ ба намоиш гузошт. Зеро ташкили чунин ҷашн, ҷалби садҳо меҳмон ва ситораҳои дараҷаи аввали саҳна аз мақоми баланди иҷтимоии хонавода дарак медод.

### АЗ СОҲИБКОРӢ БА СИЁСАТ

Марҳалаи нави фаъолияти Илҳом Шокиров бо муаррифии ӯ ҳамчун намоянда аз мақомоти воломақоми Ӯзбекистон оғоз ёфт.

Моҳи октябри соли 2024 ӯ бо ҳамин мақом аз намоишгоҳи «Истехсоли Тотористон» дар Қазон дидан кард. Шокиров бо маҳсулоти КАМАЗ, корхонаи чархболсозии Қазон, ширкатҳои «Аурус», «Соллерс», «Татшина», ICL ва дигар корхонаҳои бузурги Русия шинос шуд.

Ӯ ба техникаи барои содирот пешбинишуда, аз ҷумла мошинҳо, чархболҳо, киштиҳо, таҷҳизоти кишоварзӣ ва автомобилҳои Aurus таваҷҷуҳ зоҳир кард. Шокиров ҳамчунин дар чорабиниҳои вобаста ба нишасти сарони кишварҳои БРИКС дар Қазон иштирок дошт.

Доираи расмии ваколатҳои ӯ ҳамчун мушовир дар манбаъҳои боз пурра нишон дода нашудааст. Бо вуҷуди ин, ҳузураш дар чунин чорабиниҳои байналмилалӣ аз сатҳи баланди эътимод ба дастрасӣ ба доираҳои сиёсию иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

### СЕ КИШВАР - СЕ ТАКЯГОҲИ НУФУЗ

Нуфузи Илҳом Шокиров бар се поя устувор аст.

Ӯзбекистон маркази асосии фаъолият ва робитаҳои сиёсию тиҷоратии ӯ ба шумор меравад. Дар ин кишвар номи Шокиров бо меҳмонхонадорӣ ва амволи тиҷоратӣ алоқаманд аст.

Русия барои ӯ ҳам бозори фаъолият, ҳам макони ҷойгиршавии як қисми дороиҳо ва ҳам майдони рушди робитаҳои иқтисодӣ мебошад. Ҳузураш дар чорабиниҳои Қазон нишон дод, ки ӯ метавонад дар равандҳои ҳамкории иқтисодии Русия ва Ӯзбекистон низ нақш дошта бошад.

Тоҷикистон бошад, Ватан ва сарчашмаи ҳувияти ӯст. Дар Исфара Шокиров ҳамчун ҳамдиёри муваффақе шинохта мешавад, ки аз як шаҳри Тоҷикистон то доираҳои бузурги тиҷоратӣ ва сиёсии минтақа роҳ ёфтааст.

Дар манбаъҳои боз оид ба лоиҳаҳои бузурги иҷтимоӣ ё хайриявии ӯ дар Исфара маълумоти кофӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, нуфузаш дар зодгоҳ бештар аз обрӯи соҳибкорӣ, имкониятҳои молиявӣ, робитаҳои шахсӣ ва ҳамдиёрӣ сарчашма мегирад.

### СОҲИБКОРИ ПУШТИ ПАРДА

Илҳом Шокиров ба гурӯҳи соҳибкороне дохил мешавад, ки сукутро аз шуҳрати расонаӣ авлотар медонанд. Ӯ қариб ки мусоҳиба намедиҳад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти намоён надорад ва дар бораи дороиҳо ва нақшаҳои тиҷоратиаш кам сухан мегӯяд.

Ин камошкорӣ боиси пайдо шудани фарзияҳои зиёд дар бораи ҳаҷми сарват, теъдоди ширкатҳо ва робитаҳои сиёсии ӯ гардидааст. Аммо ҳамзамон ба Шокиров имкон медиҳад, ки дур аз баҳсу ҷанҷолҳои расонаӣ фаъолият намояд.

Дар бораи ӯ бештар аз рӯйи натиҷаи фаъолият, дороиҳои маъруф, робитаҳои хонаводагӣ ва ҳузураш дар чорабиниҳои расмӣ қазоват мекунанд.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# ВОРИДОТ ГӮШТ ЗИЁД ШУДУ НАРХ ҲАМОН АСТУ ҲАМОН

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 Тоҷикистон ба маблағи 53,4 миллион доллар беш аз 13,8 ҳазор тонна гӯшт ва маҳсулоти иловагии онро аз хориҷ ворид кардааст. Ин дар ҳолест, ки тибқи маълумоти расмӣ, истеҳсоли дохилии гӯшт дар кишвар низ афзоиш ёфта, дар ҳамин давра ба 135,6 ҳазор тонна расидааст.**



Тавре Хадамоти гумруки Тоҷикистон хабар медиҳад, қисми асосии воридоти маҳсулоти гӯштӣ ба гӯшти паранда рост меояд. Дар нимсолаи аввал ба кишвар ҳудуди 8 ҳазор тонна гӯшт ва маҳсулоти иловагии парандаи хонагӣ ба маблағи 31,3 миллион доллар ворид шудааст. Аз ин миқдор беш аз 6,45 ҳазор тонна гӯшт ва маҳсулоти иловагии мурғ ба маблағи зиёда аз 24,9 миллион доллар ба Тоҷикистон оварда шудааст. Ҳамчунин, тақрибан 1,48 ҳазор тонна гӯшти мурғи марҷон ва маҳсулоти иловагии он ба маблағи наздик ба 6,2 миллион доллар ворид гардидааст.

Баъди гӯшти паранда, бештар гӯшти гов аз хориҷ харидорӣ шудааст. Тибқи маълумоти гумрук, дар шаш моҳи соли равон ҳудуди 4,6 ҳазор тонна гӯшти гов ба маблағи қариб 19 миллион доллар ворид шудааст.

Ҳамчунин, дар ин давра Тоҷикистон 898 тонна гӯшти гӯсфандро ба маблағи зиёда аз 2,3 миллион доллар аз хориҷ ворид кардааст. Илова бар ин, тақрибан 315,6 тонна маҳсулоти гуногуни гӯштӣ ба маблағи умумии қариб 714,7 ҳазор доллар ба кишвар интиқол дода шудааст.

Дар ҳамин ҳол, омори Вазорати кишоварзӣ нишон медиҳад, ки истеҳсоли дохилии гӯшт дар Тоҷикистон рӯ ба афзоиш аст. Дар шаш моҳи аввали соли 2026 дар ҷумҳурӣ 135,6 ҳазор тонна гӯшт истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,4 дарсад бештар мебошад.

Истеҳсоли гӯшти паранда низ афзоиш ёфта, ба 21,1 ҳазор тонна расидааст, ки 7,1 дарсад бештар аз нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта мебошад. Вазорати кишоварзӣ мегӯяд, ҳоло дар Тоҷикистон 234 корхонаи парандапарварӣ фаъолият доранд, ки қисми зиёди талаботи бозори дохилиро бо гӯшти мурғ таъмин мекунанд.

Айни замон нархи гӯшт дар бозорҳои кишвар дар сатҳи нисбатан баланд қарор дорад. Тибқи маълумоти мавҷуда, як килограмм гӯшти гӯсфанд аз 84 то 120 сомонӣ фурӯхта шуда, нархи миёнаи он 102 сомониро ташкил медиҳад. Нархи як килограмм гӯшти гов аз 84 то 110 сомонӣ буда, ба ҳисоби миёна 97 сомонӣ арзиш дорад. Гӯшти мурғ бошад, вобаста ба навъ ва истеҳсолкунанда аз 30 то 50 сомонӣ нарх дошта, арзиши миёнаи он тақрибан 40 сомониро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти афзоиши истеҳсоли дохилӣ ва ҳамзамон идомаи воридоти гӯшт, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди чорводорӣ ва парандапарварӣ, инчунин рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозор яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ боқӣ мемонад.

# КАМЧИНИИ СӮЗИШВОРӢ

## Аммо сардори Хадамоти зиддиинҳисорӣ Ҳайдаралӣ Раҷабзода мегӯяд: «Дар кишвар камбудии сӯзишворӣ намешавад»



*Ҳайдаралӣ Раҷабзода, сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**(Аввалаш дар саҳ. 3)**

Нархи дизел бошад, расман аз 15 то 16,7 сомонӣ нишон дода мешавад.

Аммо дар амал, дар чанд ҳафтаи охир вазъ дигар аст.

### НОРАСОИИ СӮЗИШВОРИИ ДИЗЕЛӢ

Дар се ҳафтаи охир дар бисёр нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории Душанбе ва минтақаҳои дигар дизел камёфт шудааст.

Дар ҷойҳое, ки он дастрас аст, нархи як литр то 17 сомонӣ ва ҳатто болотар расидааст.

Ин дар ҳолест, ки то оғози камбудӣ як литр дизел тақрибан 13 сомонӣ арзиш дошт.

Яъне, дар муддати кӯтоҳ нарх беш аз 30 фоиз боло рафтааст.

Ин вазъ саволеро ба миён меорад: агар ҳаҷми воридоти дизел 35 ҳазор тонна зиёд шуда бошад, пас сабаби камбудӣ дар бозор чист?

Коршиносон чанд омилро эҳтимолӣ медонанд. Аз ҷумла, мушкилоти логистикӣ дар интиқол, маҳдуд шудани содироти маҳсулоти нафтӣ аз ҷониби Русия, зиёд шудани талабот дар дохили кишвар, омилҳои мавсимӣ, бахусус корҳои кишоварзӣ ва сохтмон, эҳтимоли нигоҳдории захираҳо аз ҷониби баъзе ширкатҳо ба умеди болоравии нарх.

### ИСТЕҲСОЛИ ДОХИЛӢ ЧӢ МИҚДОР АСТ?

Яке аз масъалаҳои асосӣ он аст, ки корхонаҳои коркарди нафти Тоҷикистон дар таъмини бозор нақши хеле маҳдуд доранд. Тибқи маълумоти Вазорати энергетика, ҳиссаи онҳо ҳамагӣ тақрибан 0,5 фоизи ҳаҷми умумии таъминотро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки амалан тамоми талаботи кишвар аз ҳисоби воридот қонеъ карда мешавад. Ҳар гуна тағйирот дар бозори хориҷӣ - хоҳ болоравии нарх бошад ва хоҳ маҳдудияти содирот, бетаъхир ба бозори Тоҷикистон таъсир мерасонад. Бинобар ин, Тоҷикистонро зарур аст роҳҳои нави воридоти сӯзишвориро ҷустуҷӯ кунад, то аз вобастагӣ ба як бозор раҳоӣ ёбад.

**Д. ҚОДИРПУР**

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар нимсолаи якуми соли равон 336 миллион сомонӣ вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ошкор гардид. Аз ин маблағ 202 миллиону 800 ҳазор сомонӣ барқарор карда шуд. Дар ин бора раиси Палатаи ҳисоби Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



"Ин маблағ дар натиҷаи 51 чорабинии аудиторӣ, ки Палатаи ҳисоби Тоҷикистон дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳо анҷом дод, ошкор гардид",- гуфт номбурда. Ӯ иброз дошт, ки аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ 27 мавод ба маблағи 212 миллиону 100 ҳазор сомонӣ барои баррасӣ ва қабули қарорҳои дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ ирсол гардид.

**Дар шаш моҳи соли 2026 маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар шаҳри Душанбе ба 19,2 миллиард сомонӣ баробар гардид. Суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,1 фоиз зиёд ва саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат 24 фоизро ташкил дод.**




Дар ин бора муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Бахтиёр Шарифӣ зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Таъкид гардид, ки истифодаи самараноки иқтидори нав, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда барои афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои соҳаи саноати шаҳр дар нимсолаи аввали соли 2026 заминаи мусоид фароҳам овард.

**Дар нимсолаи аввал ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон (Омбудсмен) 731 муроҷиати шаҳрвандон ворид шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 8 адад зиёд аст. Дар ин бора Умед Бобозода, Ваколатдори ҳуқуқи инсон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ба гуфтаи Бобозода, аз шумораи умумии муроҷиатҳо 150 аризаи хаттӣ, 580 муроҷиати шифоҳӣ ва 1 муроҷиати электронӣ мебошанд. Танҳо ба Дастгоҳи марказии ин ниҳод 314 муроҷиат ворид гардида, боқимонда 417 муроҷиат дар намояндагиҳои минтақавии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шудаанд. Бештари шикоятҳои шаҳрвандон ба бахши ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тааллуқ доранд.



# 7:1. РЕҶАИ ХОБРО ТАНЗИМ НАМОВУ СОЛИМ МОН

**Бисёре аз мо бовар дорем, ки барои солим мондан ҳатман бояд ҳар шаб ҳашт соат хоб кард. Аммо натиҷаҳои пажӯҳишҳои нав нишон медиҳанд, ки на танҳо давомнокии хоб, балки мунтазам будани вақти хоб рафтан низ барои саломатӣ аҳамияти калон дорад.**

Олимон ба хулоса расидаанд, ки одамоне, ки ҳар шаб қариб дар як вақт ба хоб мераванд, нисбат ба онҳое, ки реҷаи номуназзам доранд, хатари марги бармаҳалро то 31 дарсад камтар доранд. Ҷолиб он аст, ки ин бартарӣ ҳатто дар ҳолате мушоҳида мешавад, ки баъзе аз онҳо ҳамагӣ 4-6 соат хоб мекунанд. Ин натиҷа бори дигар нақши «соати биологии» организмро дар ҳифзи саломатӣ нишон медиҳад. Мутахассисон барои ба роҳ мондани одати дурусти хоб қоидаи одии «7:1»-ро пешниҳод мекунанд. Мувофиқи он, ҳар кас бояд барои худ як фосилаи яксоатаи доимиро интихоб кунад. Масалан, агар шахс қарор диҳад, ки байни соатҳои 23:00 ва 00:00 ба хоб меравад, пас бояд ҳадди ақал панҷ шаб дар як ҳафта ҳамин реҷаро риоя кунад.

Албатта, беҳтарин интихоб он аст, ки инсон шабона на камтар аз ҳафт соат хоб кунад. Аммо муҳаққиқон мегӯянд, ки ҳатто дар ҳолати 4-6 соат хоб ҳам, агар вақти хоб рафтан мунтазам бошад, организм нисбат ба реҷаи пароканда беҳтар фаъолият мекунад. Ба гуфтаи олимон, зуд-зуд тағйир додани вақти хоб ба фаъолияти гормонҳо таъсири манфӣ мерасонад. Номуназзамии реҷа метавонад истеҳсоли гормонҳои муҳимро халалдор карда, ба мубодилаи моддаҳо, фаъолияти майна ва эҳсоси хастагӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, баъзан маҳз вайрон шудани реҷаи хоб аз худи камхобӣ ҳам зараровартар мешавад. Риояи реҷаи доимии хоб на танҳо фаъолияти гормонҳоро муътадил месозад, балки ба таҳкими масуният низ мусоидат мекунад. Илова бар ин, хотира беҳтар шуда, суръати вокуниши инсон, тибқи маълумоти муҳаққиқон, то 12 дарсад меафзояд. Ин барои донишҷӯён, кормандони идораҳо, ронандагон ва ҳамаи онҳое, ки фаъолияти онҳо диққати баланд талаб мекунад, аҳамияти махсус дорад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки аз имрӯз барои худ вақти муайяни хобро интихоб намуда, онро мунтазам риоя кунед. Бо чунин қадами одӣ метавон сифати хоб, саломатии умумӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаро беҳтар кард.

# НЕЪМАТИ ШИРИНИ ТОБИСТОН



**«БО ФАРО РАСИДАНИ РӮЗҲОИ ГАРМИ ТОБИСТОН ТАЛАБОТ БА ТАРБУЗ ЗИЁД МЕШАВАД. ИН ЗИРОАТИ ПОЛЕЗӢ НА ТАНҲО БО ТАЪМИ ШИРИНУ БОЛАЗЗАТ, БАЛКИ БО ХОСИЯТҲОИ СУДМАНДИ ХУД НИЗ МАШҲУР АСТ. МУТАХАССИСОН ТАРБУЗРО ЯКЕ АЗ БЕҲТАРИН ҒИЗОҲО БАРОИ РӮЗҲОИ ГАРМ МЕДОНАНД, ЗЕРО ОН БАРОИ НИГОҲ ДОШТАНИ МУВОЗИНАТИ ОБ ДАР ОРГАНИЗМ КУМАК МЕКУНАД.**

Тақрибан 90-92 дарсади тарбуз аз об иборат аст. Аз ин рӯ, истеъмоли он дар рӯзҳое, ки ҳарорати ҳаво баланд мешавад, ба рафъи ташнагӣ ва пешгирии беобшавии организм мусоидат мекунад. Барои нафароне, ки вақти зиёдро дар ҳавои кушод сипарӣ мекунанд, тарбуз метавонад манбаи хуби об ва нерӯ бошад.

Ғайр аз об, тарбуз аз витаминҳои муҳим, аз ҷумла витаминҳои “А” ва “С”, инчунин калий ва дигар моддаҳои ғизоӣ бой аст. Витамини А барои нигоҳ доштани солимии чашм ва пӯст аҳамияти калон дошта, витамини С ба мустаҳкам шудани масуният ва ҳифзи организм аз таъсири омилҳои зараровар мусоидат мекунад. Калий бошад, барои фаъолияти муътадили дил, мушакҳо ва танзими фишори хун нақши муҳим дорад.

Яке аз моддаҳои арзишманди тарбуз “ликопен” мебошад. Маҳз ҳамин модда ба тарбуз ранги сурхи зебо мебахшад. Ликопен антиоксиданти пурқувват буда, ҳуҷайраҳои организмро аз таъсири радикалҳои озод муҳофизат мекунад ва ба нигоҳ доштани саломатии умумии инсон мусоидат менамояд.

Ба гуфтаи мутахассисон, истеъмоли мӯътадили тарбуз кори узвҳои ҳозимаро беҳтар намуда, эҳсоси тароват ва сабукиро зиёд мекунад. Бо вуҷуди ин, тавсия дода мешавад, ки онро аз ҳад зиёд истеъмол накунанд, зеро ҳар гуна ғизо дар миқдори зиёдатӣ метавонад ба организм таъсири номатлуб расонад.

Коршиносон инчунин ба масъалаи бехатарии ғизо диққати махсус медиҳанд. Пеш аз буридани тарбуз ҳатман бояд пӯсти онро бо оби равон хуб шуст. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми буридан микробҳо ва ифлосиҳои рӯйи пӯст метавонанд ба қисми дохилии мева ворид шуда, боиси бемориҳои рӯдаву меъда гарданд.

Тарбуз на танҳо меваи лазиз, балки манбаи табиии об, витаминҳо ва антиоксидантҳо мебошад. Агар онро бо меъёр истеъмол карда, қоидаҳои одии беҳдоштӣ риоя шаванд, ин неъмати тобистон метавонад ба нигоҳ доштани саломатӣ, таровати бадан ва рӯҳияи хуб мусоидат намояд.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ду рӯзи аввали ҳафта аз бадкориҳои душманон ва нотавонбинон эҳтиёт шуданатон лозим аст. Эҳтимоли гум кардани ҳуҷҷатҳои муҳим дар назар аст, аз ин рӯ, бодиққат бошед. Давоми ҳафта бо дили пур аз пайи корҳои душворҳал шавед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Дар тамоми соҳаҳои зиндагиятон тағйироти гуворо рух медиҳад. Рӯзи сешанбе дар касбу кор муваффақ мегардед, эҳтимоли зиёд шудани манбаи даромад вуҷуд дорад. Миёнаи ҳафта душвор меояд, бо пули калон харид карданро тавсия намедиҳем.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Ҳафтаи душвор аст, барои истироҳат тамоман вақт намеёбед. Рӯзҳои аввали ҳафта аз пайи бартараф намудани корҳое шуданатон лозим меояд, ки таваққуф кардан имконнопазир аст. Рӯзҳои истироҳат вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Рӯзҳои душанбе ва сешанбе кори зиёдеро ба анҷом расониданатон лозим меояд, робитаҳои судманд пайдо мекунед. Дар ин рӯзҳо метавонед сафарҳои корӣ ва сафарҳои дуру наздикро ба нақша гиред. Аз ҷойе маблағи пулӣ ба даст меоред, ки тамоман интизор набудед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта метавонед ҷасурона вохӯриву гуфтушунидҳои кориро ба нақша гиред. Дар ин шабу рӯзҳо ҳама гуна мушкилоти молиявӣ роҳи ҳалли худро пайдо намуда, харидҳои кардаатон бобарор анҷом меёбанд.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Рӯзи душанбе шуморо лозим аст, ки аз паси корҳои дилгиркунанда ва якранг шавед. Миёнаи ҳафта барои баргузор намудани маъракаву ҷашнҳо мусоидат мекунад. Ҳамзамон аз молу маҳсулоти дар ин ҳафта харидаатон қаноатманд мегардед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Рӯзҳои аввали ҳафта ҳодисаҳои ногаҳонӣ зиёд рух медиҳанд. Дар ҳаёти шахсиятон изҳори муҳаббат, пешниҳоди оиладоршавӣ ва хостгорӣ имконпазир аст. Метавонед мулоқоти ошиқонаро ба нақша гиред, шиносоии нав бошад, шуморо то даргоҳи ақди никоҳ мебарад.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Тамоми рӯзҳои ҳафта баронтон бобарор меоянд. Рӯзҳои аввал аз пайи пайдо намудани сарчашмаҳои нави даромад ва беҳтар сохтани вазъи молиявӣ шавед. Нафароне, ки бо тиҷорат машғул ҳастанд, бояд хизматрасонӣ ва молу маҳсулоти худро бештар таблиғ намоянд.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Рӯзҳои душанбе ва сешанбе корҳои муҳимро ба нақша нагиред. Бо ҳамкорон муносибатҳоятон бад шуда, ҳатто имкони бо роҳбарияти коргоҳ баҳсу мунозира карданатон имкон дорад, ки натиҷааш аз кор хориҷ шуданатон мегардад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Аввали ҳафта мушкилоти зиёдеро ба бор меорад. Зимни робита бо атрофиён эҳтимоли сар задани нофаҳмиву мунокиша ва барбод рафтани нақшаву ниятҳоятон вуҷуд дорад. Дар ин шабу рӯз дар ҳаёти шахсиятон ҳодисаҳои ногувор рух дода метавонанд.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Аввали ҳафта дар ҳаёти шахсиятон ҳодисаҳои ногувори зиёде рух медиҳанд. Дар ин рӯзҳо бо касе вохӯрдану ба мулоқоти ошиқона рафтанро тавсия намедиҳем. Дар ҳаёти нафарони оиладор ҳар гуна овозаву туҳмат сар мезанад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Рӯзҳои душанбе ва сешанбе вақти тағйироти куллӣ ва ҳодисаҳои муҳим аст. Дар ин шабу рӯзҳо имкони беҳтар сохтани вазъи зиндагӣ ва муносибатҳои ошиқонаи худро доред. Нисбати саломатии худ фориғболӣ накунед.

# НАМОЗ ҲОТАМОВ

## - муҳаққиқи барҷастаи таърихи халқи тоҷик

**19-УМИ ИЮЛИ СОЛИ РАВОН ЯКЕ АЗ МУАРРИХОНИ НОМВАРИ ТОҶИК, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ, ПРОФЕССОР НАМОЗ ҲОТАМОВ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ. МАРГИ УСТОД БЕШУБҲА ТАЛАФОТИ БУЗУРГ БАРОИ ИЛМИ ТОҶИК АСТ.**



Устод Намоз Ҳотамов аз зумраи олимоне буд, ки беш аз ним асри умри хешро ба омӯзиш, таҳқиқу тарғиби таърихи халқи тоҷик бахшид ва мақолаву рисола ва китобҳои арзишманд ба мерос гузошт.

Намоз Басарович зодаи шаҳри Бухоро буд. 1-уми сентябри соли 1946 дар деҳаи Шоботии ноҳияи Пешкӯҳи вилояти Бухоро ба дунё омадааст. Соли 1962 мактаби миёнаи зодгоҳашро хатм намуда, ҳамон сол ба шуъбаи таърихи факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил мешавад ва сарнавишти хешро ба пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе мепайвандад.

Пас аз хатми донишгоҳ, солҳои 1967-1971 Намоз Басарович ба ҳайси аспирант ба кафедраи таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ қабул мешавад. Дар ин миён ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд. Баъди хатми аспирантура ба ҳайси устоди калон ва иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедра фаъолият намуда, аз фанҳои «Таърихи ИҶШС» ва «Таърихи халқи тоҷик» ба донишҷӯён дарс гуфт. Соли 1974 таҳти роҳбарии профессор Зариф Раҷабов рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Инъикоси Инқилоби халқии Бухоро дар осори Садриддин Айнӣ» ҳимоя намуд.

Аз соли 1980 то охири умр фаъолияти илмии ӯ бо Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ дошт. Дар ин муассиса ҳамчун ходими калони илмӣ ва баъдан сарходими илмӣ фаъолият бурда, масъалаҳои таърихи иқтисодӣ, фаъолияти бонкҳои Русия дар Осиёи Миёна ва раванди барқароршавии ҳокимияти Шӯравиро мавриди таҳқиқ қарор дод.

Соли 1991 рисолаи докторӣ худро дар мавзуи «Мавқеи сармояи бонкӣ дар инкишофи вазъи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна (охири асри XIX - соли 1917)» ҳимоя намуда, соли 1994 сазовори унвони профессорӣ гардид.

Дар баробари фаъолияти илмӣ, устод Ҳотамов фаъолияти омӯзгориро низ қатъ накард. Аз рӯзҳои аввали таъсиси Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо ин муассиса ҳамкорӣ намуда, аз соли 1995 ҳамчун профессори кафедраҳои адаб ва фарҳанг, фалсафа ва таърихи соҳибкорӣ ва баъдан кафедраи таърих ва фалсафа фаъолият дошт. Дар ин муддат садҳо донишҷӯро тарбия намуда, дар омода намудани мутахассисони ҷавон саҳми арзанда гузошт.

Профессор Намоз Ҳотамов муаллифи зиёда аз 300 асару мақолаи илмӣ, аз ҷумла 26 китоб, 11 дастури таълимӣ ва методӣ мебошад. Аз ҷумла, асарҳои арзишманди ӯ «Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро», «Мавқеи сармояи бонкӣ дар инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Осиёи Миёна», «Таърихи бонк ва соҳибкорӣ дар Осиёи Миёна», «Ҷадидони Бухоро ва давраҳои асосии фаъолияти онҳо», «Таърихи халқи тоҷик» (барои донишҷӯён ва хонандагони синфи 9), «Аз таърихи аввалин корхонаҳои саноатӣ дар Осиёи Миёна», «Дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият», «Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ» ва даҳҳо асари дигар дар рушди илми таърихшиносии тоҷик нақши муҳим гузоштаанд.

Ӯ яке аз муаллифони ҷилдҳои IV, V ва VI-и «Таърихи халқи тоҷик» буда, дар таҳияи нашри 12-ҷилдаи ин асари бунёдӣ низ саҳм гирифтааст.

Профессор Намоз Ҳотамов узви Шурои ҳимояи рисолаҳои докторӣ дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониш, роҳбари гурӯҳи коршиносони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба китобҳои дарсии фанни таърих, узви Шурои миллии таҳсилот ва коршиноси Комиссияи олии аттестатсионии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия буд. Дар тӯли беш аз панҷоҳ соли фаъолияти илмӣ профессор Намоз Ҳотамов дар садҳо ҳамоишҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ, таърихи халқи тоҷик ва рушди маориф маърӯзаҳои илмӣ ироа кардааст.

Таҳти роҳбарии профессор Намоз Ҳотамов 6 нафар рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро ҳимоя намуда, даҳ нафари дигар ба кори илмӣ машғул буданд.

Устод Намоз Ҳотамов дар баробари олими барҷаста будан, шахсияти беназир буданд. Бо ҳамагон муомилаи нек доштанд. Дар сурати зарурат дасти мадад дароз мекарданд ва дар ҷустуҷӯҳои илмӣ маслиҳату машварат медоданд. Махсусан, устод ба ҷавонон меҳрубон буданд, насиҳат мекарданд ва пайваста таъкид менамуданд, ки дар роҳи илм коҳилӣ накунед, омӯзед, душвориҳоро пушти сар кунед, рӯҳафтода нашавед. Мо кормандони шуъба ҳамеша аз маслиҳату машваратҳои устод баҳраманд мешудем ва ба саволҳои худ аз устод посух мегирифтем.

1-уми сентябри соли равон устод Намоз Ҳотамов 80-сола мешуданд. Таҷлили мавлуди устод, баргузории ҳамоиши илмӣ ва нашри китоб бахшида ба ин сана дар нақшаи институт буд ва мо ҳамкорон ба он омодагӣ мегирифтем. Устод то ҳамин ҳафтаи пеш ба кор меомаданд...

Бо даргузашти профессор Намоз Ҳотамов илми таърихшиносии тоҷик яке аз муҳаққиқони барҷаста, омӯзгори фидокор ва шахсияти соҳибмактабро аз даст дод. Осори гаронбаҳо, шогирдони зиёди ӯ ва саҳми арзандааш дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ҳамеша ҳамчун мероси пурарзиш боқӣ хоҳанд монд.

**Шоиста ИСМАТЗОДА, ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи А. Дониши АМИТ**

## МАВЛУДНОМА

### 23 ИЮЛ

**Людмила Заретская** (1921-1979), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Турсунбой Неъматзода** (1926-2008), 100-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

### 24 ИЮЛ

**Раҳим Амин** (1946), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Ҳикоятбону Бурҳонова** (1936), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Қобилҷон Зарифов** (1966), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Мамадтоир Зокиров** (1956), 70-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Олга Смирнова** (1911-1998), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Таҳмина Рустамова** (1926), 100-солагии зодрӯзи шарқшиноси озар, муҳаққиқи забони форсӣ.

### 25 ИЮЛ

**Ҳосиб Тошев** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Аббос Ҳамроев** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

### 26 ИЮЛ

**Абдуғаффори Домулло** (1936), 90-солагии зодрӯзи нависанда.

**Ҳамроҳбой Ҳамидов** (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

**Нуралӣ Шералиев** (1951), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

### 27 ИЮЛ

**Владимир Бидило** (1926-1994), 100-солагии зодрӯзи наворбардори кино, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Николай Латишев** (1886-1951), 140-солагии зодрӯзи зоологи рус, доктори илми тиб, профессор, яке аз поягузорони Институти тропикаи Тоҷикистон (1931).

### 28 ИЮЛ

**Анора Муҳаммадиева** (1936), 90-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи физика.

**Гулнораи Равшан** (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Шавкат Раҳимов** (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

### 29 ИЮЛ

**Иван Башкин** (1896-1976), 130-солагии зодрӯзи агроном, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Абдураҳим Қориев** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Улмасхон Шерматова** (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

### ИНШООТ

Иншоот ба иҷора дода мешавад, ошёнаи 1, 130 м.м., ҳамчун офис, барои марказҳои омӯзишӣ ва ғайраҳо, Испечак-26, М-10, бинои 2, рӯ ба рӯйи масҷиди "Мехкалон". Тел.: 98-855-25-29

### НИЁЗ ДОРЕМ

Ба кор ошпази мард қабул карда мешавад. Ҷойи кор: бӯстонсаро дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар соҳили об. Талабот: Таҷрибаи корӣ дар пухтани таомҳои миллӣ; қобилияти омода намудани шашлик, қазонкабоб, дамлама, моҳии бирён ва дигар таомҳои лазиз; тозакорӣ, масъулиятшиносӣ ва одоби муошират. Шароити кор: маош - шартномавӣ (бо мувофиқа); ҷойи кори хуб ва шароити муносиб таъмин карда мешавад. Шахсони ҳавасманд метавонанд барои маълумоти иловагӣ тамос гиранд. Тел.: 93-905-95-30, 90-702-00-44

- Дар ширкати қолиншӯӣ ронанда лозим, таҷрибаи корӣ аз 3 сол дар ин соҳа, маош аз 4500 сомонӣ. Тел.: 907-88-88-89
- Дар ширкати қолиншӯӣ оператор (духтар) лозим, маош 3500 сомонӣ, суроға бозори "Кушониён". Тел.: 907-88-88-89

### ТАЪМИРИ ХОНА

- Таъмири хона, бо нархи миёна, босифат. Тел.: 904-03-91-24
- Таъмири пурраи хона ва ҳавлӣ. Чидани ҳама гуна кафел, гипсокартон, сантехника, электрика, корҳои кафшерӣ. Тел.: 908-00-62-00
- Таъмири косметикӣ, обой, сафедкунӣ, рангмолӣ. Тел.: 93-534-68-18

### ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ РӮЗГОР

- Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

### ГУНОГУН

- Газовик. Тел.: 988-61-10-57

### МЕХАРАМ

Либосҳои истифодашудаи зонанаву мардона, кӯдакона, матоъҳои созӣ, кашта, зарф, курпа, курпача, бозичаҳо, техникаи рӯзгор мехарам. Тел.: 917-40-42-49, 000-65-79-79

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарф, дег, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, коғаз, оҳан, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Либосҳои истифодашуда, зарф, гарнитурҳои хоб мехарам. Тел.: 908-06-60-00

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Аттестати синфи 11, Т-АТА №0825879, ба номи Юсупова Омина Орифхуҷаевна, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №117-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0931138, ба номи Зокиров Ҳакимҷон Зафарович, ки соли 2021 аз ҷониби МТМУ №53-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №163950, аз 19.02.2026, ба номи Мухфирова Беназир Яқубҷоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 58, ҳ. 74, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи ҳадяи квартира тахти фехристи №1ш-243 аз санаи 01.02.2012, дубликати он №11Б-60 аз 13.02.2026, ба номи Мухфирова Беназир Яқубҷоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 58, ҳ. 74, ки аз ҷониби нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 11, Т-АТА №1038010, ба номи Шарипова Омина Қурбоналиевна, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №117-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Маълумотнома оид ба маъюбият (Справка об инвалидности) бо силсилаи ВТО-1 №097827 ба номи Бобиева Гулдаста, ки санаи 04.11.1998 аз ҷониби ВТЭК дода шудааст, аз сабаби кӯҳна шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти фехристи 1Ш-2100 аз санаи 22.12.2018, аз номи Давлятов Мирзохаким ба номи Давлатов Карим Мирзоҳакимович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Шодӣ, хонаи 39-39а, ки аз ҷониби нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0144832, ба номи Тихонова Екатерина Александровна, ки соли 2015 аз ҷониби МТМУ №32-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи №0309228, иқтибос ва ИНН ҶДММ "Ганҷи Ҳамадон", РЯМ: 0310026035, РМА: 030038039, ки санаи 17.10.2024 аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.
- Шаҳодатномаи махсус аз соҳибкори инфиродӣ Олимов Хочимурод, РЯМ: 3330073423, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Файзиева Мавлуда, РЯМ: 0730013424, РМА: 075452895, санаи таъсис 04.03.2009, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Юсупов Абдувоҳид Валимардонович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти С. Айнӣ, деҳаи Харангони Боло, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Иқтибос аз варақаи бақайдгирии хона ба номи Киргизова Некзан, кӯчаи Гипрозем 30/4, ҳ. 202 аз сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

- Кооперативи тиҷоратии "Хайитбой-бобо", РЯМ: 330008014, РЯМ: 3310003373, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Кооперативи тиҷоратии "Мустафо Ҳ", РМА: 200002789, РЯМ: 2010003050, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ҶДММ "Маркази Сайёҳати Турсунзода", РЯМ: 07100130077, РМА: 070020141, санаи таъсис 29.01.2025, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

### ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

Сафорати шоҳигарии Арабистони Саудӣ мошини сабукравро ба фурӯш мемонад: BMW 7 Series 740Li 2011, рангаш сиёҳ, бе гумрук. Барои маълумоти пурра ба рақамҳои 44-610-61-00 занг занед.

# СЕЛ ДАР РӮШОН 10 ХОНАРО ТАХРИБ КАРД

**Рӯзи 21-уми июл дар деҳаҳои Баррӯшон ва Деҳрӯшони ноҳияи Рӯшони ВМКБ сел фаромада, ба 40 хона зарар расонидааст. Ба иттилои расмӣ, дар ин ҳодиса талафоти ҷонӣ сабт нашудааст.**

Ҳукумати ВМКБ сабаби омадани ин селро якбора баланд шудани ҳарорати ҳаво ва обшавии босуръати пиряххо гуфтааст.

Манбаъ мегӯяд, "сокинони осебида ба маконҳои амну бехатар кӯчонида шуда, бо маводи ғизоӣ ва ашёву лавозимоти зарурати аввалияи рӯзгор таъмин карда шудаанд".

"Дар натиҷаи рух додани офати табиӣ, дар деҳаи Баррӯшон 10 хонаи истиқоматӣ пурра, 6 хона қисман ва 14 хона ба тарви сабук зарар дидааст. Дар деҳаи Деҳрӯшон бошад, 4 хонаи истиқоматӣ қисман ва 6 хона ба тарви сабук осеб дидааст, ки дар маҷмуъ 40 хонаи истиқоматиро ташкил медиҳад", – навиштааст манбаъ.

Мақомот гуфтаанд, ки бо дастури раисҷумҳури Тоҷикистон масъулин дирӯз барои расонидани кумак ба аҳолӣ ва таъмини амнияти онхо, ҳамчунин, бартараф кардани паёмадҳои сел ба ҷои ҳодиса рафтаанд.

Гуфта мешавад, хисороти расида баҳогузорӣ шуда, "ба ҳар як оилаи зарардида вобаста ба ҳаҷми зарар тадбирҳои мушаххаси дастгирӣ ва барқарорсозии манзилҳои истиқоматӣ амалӣ мегарданд".

Қаблан, рӯзи 19-уми июл дар деҳаи Врвзи ноҳияи Ванҷ низ сел омада буд. Тавре КҲФ хабар додааст, дар натиҷа, 350 метр хати интиқоли оби нӯшокӣ, худуди 1040 метр наҳрҳои обёрӣ осеб дида, инчунин ҷӯйбори 200-метраи маҳаллаи Аравн пурра вайрон шудааст.

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# ДАСТАИ МУНТАХАБИ ИСПАНИЯ ЯКУМ ШУД

**Дар ИМА Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 бо пирӯзии дастаи мунтахаби Испания ба анҷом расид.**




Шогирдони Де ла Фуэнте нихоят пирӯзиро дар рақобат бо Аргентина ба даст оварданд. Торрес, ки дар тӯли тамоми Ҷоми ҷаҳон гол назада буд, дар финал ягона голи тилоиро дар вақти иловагӣ зад ва беҳтарин бозигар дониста шуд.

Дар Ҷоми ҷаҳон-2026 Ламин Ямал дар синни 19-солагӣ ҷавонтарин ғолиби ҳам Ҷоми ҷаҳон ва ҳам Ҷоми Аврупо шуд. Инчунин, Кубарсӣ унвони беҳтарин бозигари ҷавонро ба даст овард, Унай Симон беҳтарин дарвозабони мусобиқа ва Родрӣ беҳтарин бозигар номида шуданд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ президенти ИМА Доналд Трамп ба Лионел Месси 39-сола аз дастаи Аргентина медали нуқраи Ҷоми ҷаҳонро супурд ва Ламин Ямал медали тилоро гирифт, ки рамзи насли нави ситораҳои футбол буд.

Дастаи мунтахаби Англия дар бозӣ барои ҷойи сеюм бо ҳисоби 6:4 бар дастаи Фаронса пирӯз шуд. Мбаппе аз дастаи Фаронса бо 22 гол беҳтарин нишонзан дар таърихи Ҷоми ҷаҳон дониста шуд.

ФУТБОЛ

# ДАР РАДДАБАНДИИ НАВИ FIFA ИСПАНИЯ 1-УМ, ТОҶИКИСТОН 101-УМ




**FIFA рӯзи 20-уми июл раддабандии навшудаи дастаҳои мунтахаби ҷаҳонро нашр кард. Пас аз анҷоми Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 дастаи мунтахаби Испания ба ҷойи аввал баромад.**

Испания бо афзоиши 30,27 имтиёз холо соҳиби 1995,88 имтиёз буда, дастаи мунтахаби Аргентинаро аз садри раддабандӣ поён овард.

Ба панҷгонаи беҳтарин инчунин дастаҳои мунтахабҳои Фаронса, Англия ва Бразилия шомил шуданд.

Бузургтарин пешрафт дар раддабандии нав ба номи дастаи мунтахаби Норвеж сабт шуд. Норвежиҳо пас аз натиҷаҳои хуби худ дар Ҷоми ҷаҳон 12 зина боло рафта, холо дар мақоми 19-ум қарор доранд. Дар ин рейтинг дастаи мунтахаби Тунис аз ҳама бештар мавқеи худро аз даст дода, 12 зина поён фаромад.

Дар ҳамин ҳол, дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо 1224,19 имтиёз дар раддабандии нав мақоми 101-умро ишғол мекунад.

ҶУДО

# 4 НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ҶАВОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ДАР УРДУН

**Чемпионати ҷудои Осиё миёни наврасон ва ҷавонон дар шаҳри Аммони Урдун ба анҷом расид. Ҷудокорони тоҷик бо 4 нишон мусобиқаро ҷамъбаст карданд.**

Дар мусобиқаи ҷавонон Рамзиддин Азизов (-60 кг), Икром Шамсов (-60 кг), Ёсин Бобокалонов (-66 кг), Муҳаммадрофеи Ҳабибулло (-66 кг), Муҳаммадин Лоиқов (-73 кг), Ворис Назаров (-73 кг), Абдулло Лоиқов (-81 кг), Аминҷон Абдуҷалилзода (-81 кг) ва Ардашери Ҳамза (-90 кг) ширкат карданд.

Ёсин Бобокалонов ва Муҳаммадрофеи Ҳабибулло дар вазни то 66 кг, Ворис Назаров дар вазни то 73 кг нишонҳои биринҷиро барои Тоҷикистон ба даст оварданд. Аминҷон Абдуҷалилзода дар вазни то 81 кг ба гирифтани нишони нуқра шарафёб гардид.



Дар Чемпионати ҷудои Осиё миёни ҷавонон дар шаҳри Аммони Урдун 173 ҷудокор аз 20 кишвари кора ширкат варзиданд. Тоҷикистон бо 1 нишони нуқра ва 3 нишони биринҷӣ мусобиқаро ҷамъбаст намуда, дар феҳристи нишонҳо мақоми 8-умро ишғол кард.

Ӯзбекистон бо 7 нишони тило, 2 нуқра ва 6 биринҷӣ якум шуд.

КУШТӢ

# 10 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК РОҲХАТИ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОНРО СОҲИБ ШУДАНД

**Дар шаҳри Хуҷанд мусобиқаи ҷумҳуриявии куштӣ барои дарёфти Ҷоми мураббии шоистаи варзиши кишвар Усто Устопиров баргузор гардид. Ин мусобиқа бо мақсади интихоби беҳтарин варзишгарони Тоҷикистон барои ширкат дар дуюмин Чемпионати ҷаҳонии куштӣ, ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, роҳандозӣ шуд.**



10 паҳлавон баъди ба даст овардани нишонҳои тило ва нуқра аз марҳилаи интихобӣ гузашта, роҳхати иштирок дар Чемпионати ҷаҳонии куштиро соҳиб шуданд.

Муҳаммад Салимов дар вазни то 65 кг қаҳрамон шуда, роҳхатро ба даст овард. Дар ин вазн ҳамчунин каблан Ёсин Бобокалонов соҳиби роҳхат шуда буд. Муҳаммадисо Раҷабов ва Умар Шеров роҳхати вазни то 71 кг-ро ба даст оварданд.

Мирзоҷамил Рамазонов дар вазни то 78 кг қаҳрамон шуда, роҳхатро ба даст овард. Дар ин вазн ҳамчунин каблан Муҳаммадшариф Наҷмиддинов соҳиби роҳхат шуда буд. Сайфиддин Сайфиддинзода ва Ҳамроҳ Раҷабов роҳхати вазни то 86 кг-ро соҳиб шуданд. Комроншоҳи Устопириён ва Акмал Муродов дар вазни то 95 кг соҳиби роҳхат гардиданд.

Шарифҷон Назриев ва Шакармамад Мирмамадов дар вазни ба изофаи 95 кг соҳиби роҳхат ба қисми ниҳоии Чемпионати ҷаҳон шуданд.

РЕЗААХБОР



Собиқ сармураббии дастаи "Реал Мадрид" Зайниддин Зидан расман бо дастаи мунтахаби Фаронса шартномаи дарозмуддат ба имзо расонд. Дар ин бора рӯзноманигор Фабритсио Романо хабар додааст. Ба иттилои манбаъ, шартномаи шифоҳӣ миёни ҷонибҳо ҳанӯз моҳи ноябр ҳосил шуда буд. Зидан дар ин мақом Дидйе Дешамро иваз кард, ки давоми 14 сол роҳнамои тими миллии Фаронса буд.

***

Чемпиони феълии Бозиҳои Осиё дар вазни то 81 кг Сомон Маҳмадбеков дар мусобиқаи навбатӣ, ки дар Ҷопон баргузор мешавад, иштирок намекунад. Ба ҷойи Сомон Тоҷикистонро Сунатулло Мусоев, ҷудокори 22-сола намояндагӣ мекунад. Мусобиқаи ҷудо дар доираи Бозиҳои Осиё-2026 аз 30-юми сентябр дар шаҳрҳои Айчи ва Нагоя оғоз шуда, беҳтарин ҷудокорони кораро ҷамъ меорад.

***

Бозигари 23-солаи украинӣ Олег Власов ба ҳайати "Равшан" пайваст. Шартнома то охири мавсим баст шуд. Власов аз муоинаи тиббӣ ва санҷишҳои ҷисмонӣ гузашта, тамринҳоро оғоз кард. Ӯ дар корномаи худ дар дастаҳои ҷавонони "Ворскла" ва "Динамо"-и Киеви Украина, ҳайатҳои асосии "Челушнитса", "Спартак Миява" ва "Римавска Свобода" , инчунин "Хетман Замос" бозӣ кардааст.

***

17-уми июл дар қароргоҳи AFC маросими қуръакашии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 байни дастаҳои духтаронаи то 17-сола баргузор гардид. Дастаи мунтахаби духтаронаи Тоҷикистон (U-17) дар гурӯҳи «А» бо дастаҳои Кuриёи Ҷанубӣ, Урдун ва Аморати Муттаҳидаи Араб бозӣ хоҳад кард. Бозиҳои ин гурӯҳ аз 5 то 11-уми октябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии Душанбе баргузор мегарданд.




## БЕ ПУЛ

- Бас аст бе пул нишастан!,- худ ба худ гуфт ӯ ва... дароз кашид...

## ЧӢ ТАВР БОЙ ШАВЕМ?

Дар мағозаи китобфурӯшӣ:

- Бубахшед, шумо китоби “Чӣ тавр зуд бой шавем?”-ро доред?

- Бале. Лекин якҷоя бо китоби “Кодекси ҷиноятӣ” мефӯрушем...

## ФАСОҲАТИ КАЛОМ

Устоде аз фасоҳати калом дарс медод. Боре бемор шуд. Як гурӯҳ шогирдон ба аёдаташ рафтанд. Баъди салому алайк гирди устод давра нишаста, ба ҳолпурсиву дилбардорӣ сар карданд.

Яке гуфт:

- Ҳай-ҳай, беморӣ бар шумо сахт ғалаба кардааст, ки мисли саг хароб шудаед.

Устод сахт ранҷид, вале чизе нагуфт.

Рӯзи дувум гурӯҳи дигари шогирдон ба хабаргирӣ омаданд. Устод ба онҳо дарди дил намуда, аз бетамизии шогирдони дирӯз омада шикоят кард. Яке аз шогирдони имрӯза устодро дилбардорӣ намуда, гуфт:

- Аз суханҳои он беадаб норохат нашавед, устод. Худо хоҳаду шифо ёбед, боз мисли барзагов фарбеҳ мешавед...

## БА ҶОЙИ АФСОНА...

Сарватманд ба моҳигирӣ рафт. Шасти тилоӣ, қуттии кирми лойхӯрак аз нукра... Дар гарданаш занҷири тило, дар ангуштонаш ангуштарии алмос. Бовиқор шастро партофт. Кашид, ки моҳии тило дармондааст. Моҳиро аз чангак озод карда, каме тамошо карду гашта ба об партофт. Моҳӣ шино карда дуртар рафту гашта бо ҳайронӣ гуфт:

- Се хоҳиш чӣ?

Сарватманд гуфт:

- Ту аҷаб берӯ будаӣ. Хайр, бигӯ хоҳишҳоятро...

## ДУШМАН

- Устод, шумо бо душманонатон чӣ кор мекунед?

- Ҳамаашонро несту нобуд мекунам.

- Бо кадом роҳ?

- Умуман онҳоро ба ёдам намеорам ва дар бораашон фикр ҳам намекунам...

**Х. БАСРИДДИНОВ**

## ЗУКОМИ ХУК

Бемор аз духтур мепурсад:

- Рафиқ духтур, лутфан мегуфтед, ки ман гирифтори кадом навъи зуком шудаам: мурғ ё хук?

- Албатта, хук.

- Чӣ гуна инро бо як дидан муайян ва хулоса кардед?

- Агар хук намебудед, дар соати чори шаб бо ҳарорати 36,5 С ёрии таъҷилиро даъват намекардед.

## БАРОИ СЕ КАС

Зан ба шавҳар:

- Камтар нӯшӣ намешавад, шарм намедорӣ охир?

- Зиёд нанӯшидам, занакҷон, ба Худо, як шиша барои се кас харидам.

- Пас, чаро дар поят рост намеистӣ?

- Вай ду нафар наоянд, айби ман чӣ?

## ДУРӮҒ

Марде пайваста занашро меҳрубонӣ мекард:

- Гулам... Нозанинам...

Занаш хост, ки шавҳарашро барои ин навозишҳояш ба ҳаҷ фиристад. Ва шавҳарашро ба Ҳаҷ фиристод.

Ҳоҷӣ баъди баргаштан аз сафари ҳаҷ навозишро канор гузошт.

Ҳамсари мард аз шавҳараш пурсид:

- Мардакҷон, гапҳои зебо куҷо шуданд?

Мард гуфт:

- Ман аҳд кардаам, ки баъди ҳоҷӣ шудан дурӯғро тарк кунам!

## ҚУДРАТ

Аз суҳбати бемор бо табиб:

- Духтурҷон, тибқи хулосаи шумо ман бояд 10 сол пеш мемурдам. Чӣ тавре мебинед, зиндаву саломатам. Инро чӣ хел шарҳ медиҳед?

Табиб:

- Медонед, дӯстам, вакте инсон барои зинда мондан сахт пофишорӣ мекунад, дониши мо қудрати муқовимат ... (кушатни) ӯро надорад.

## ҶУМЛАИ САВОЛӢ

Марде ғазаболуд якбора мушт болои миз зада, нидо мекунад:

- Кӣ зӯри хона?

- Зани бечора ҳам, ки аз афташ аз бекоргардии ӯ ҷонаш ба лаб омада буд, кафлезро баланд бардошта, дар фарқи сари шавҳар мефурорад.

Баъди ба ҳуш омадан, мард алам мекунад:

- Занак кори хуб накардӣ, одами бегуноҳро кариб мекуштӣ.

- Чӣ хел бегуноҳ, чиба худата зӯри хона мегирӣ?

- Занак, ман худама зӯр нагуфтам, агар аҳамият медодӣ, ҳамон ҷумлаи ман аломати савол надошт.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

